Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

№ 4
(237) 30 марти
соли 2026

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон



## БАЗМИ НАВРӮЗӢ ДАР ВАЗОРАТИ МОЛИЯ



Санаи 29-уми марти соли равон дар саҳни тарабхонаи "Истаравшан"-и шаҳри Душанбе базми наврӯзии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар қатори дигар зертобеони вазорат, раёсати Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ таҳти роҳбарии ректор Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор дар он иштирок намуданд.

Ҳайати донишгоҳ аввалин шуда меҳмононро бо нону намак ва шеваи тоҷикона пешвоз гирифта, ба онҳо дастовардҳои илмӣ, дастурхони идонаи наврӯзӣ ва намунаҳои машқҳои варзиширо пешкаш намуда, хотири меҳмонон ва бинандагонро шоду мафтун гардониданд.



## НИШОНИ 30-СОЛАГИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

- **30 соли** рушду ташаккули устуворона дар самти омода намудани мутахассисони дорои донишу маҳорат, малакаву матонати касбӣ;

- **30 соли** саҳмгузорӣ дар раванди амалинамоии ҳадафҳои маорифпарваронаи Ҳукумати мамлакат ҷиҳати ташаккули нерӯи инсонӣ;

- **30 соли** бомароми пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ;

- **30 сол** бо насли ҷавон баҳри рушди босуботи Тоҷикистон.

- **30 соли** омӯзиши таҷриба баҳриояндаи дурахшон дар фазои таълиму тарбия ва илм.

## ҲАМА ҶО АНҶУМАНИ НАВРӮЗ АСТ!

Рӯзи 18 март дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Иди байналмилалии Наврӯз бо иштироки донишҷӯён, устодон, кормандон ва як қатор меҳмонони олиқадр бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардид.

Дар чорабинии идона раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Зоир Ҳабибзода, муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирхоҷа, Шоири халқии Тоҷикистон Гулрухсор Сафӣ ва Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Дона Баҳром, инчунин, сароянадагони шинохта Лола Азизова, Ҷаннатулло Абдуллоев, гурӯҳи ҳаҷвии "Шакарханд" ва дигар меҳмонон ширкат варзида, аз дастурхони идонаи наврӯзӣ дидан карданд.

Дар базми наврӯзӣ устодону донишҷӯёни ҳафт факултет ва кафедраҳои умумидонишгоҳӣ бо ороиши дастархони анъанавии «ҳафт син», «ҳафт шин» ва «ҳафт мим», инчунин, муаррифии суннатҳои миллӣ гӯшаҳои махсус ташкил намуданд, ки хеле ҷолибу диданӣ буданд.

Бо мақсади эҳё ва тарғиби арзишҳои миллӣ миёни факултетҳо озмуни «Суфраи наврӯзӣ - ойинаи фарҳанг ва суннатҳои миллӣ» доир гардид. Намояндагони ҳар як факултет бо намоиши суннатҳои неки наврӯзӣ фаъолона иштирок намуда, сатҳи баланди омодагӣ нишон доданд.







Ҳайати ҳакамон намоиши факултетҳоро аз рӯи мазмун, муҳтаво, сатҳи муаррифӣ ва иштироки донишҷӯён арзёбӣ намуда, натиҷаҳоро чунин муайян карданд:

**- Шоҳҷоиза ба факултети иқтисод ва идоракунии давлатӣ;**

**- ҷойи аввал ба факултети ҳисобдорӣ ва омор;**

**- ҷойҳои дуюм ба факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ, факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ;**

**- ҷойҳои сеюм ба кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ лоиқ дониста шуд.**

**Ғолибон мутаносибан бо мукофотҳои пулӣ ба маблағи 3000, 2000 ва 1000 сомонӣ қадрдонӣ гардиданд.**

**Ҳамчунин, факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва факултети молия ва қарз барои иштироки фаъолона бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.**

Сипас, чорабинӣ дар толори фарҳангии донишгоҳ идома ёфт. Онро ректори донишгоҳ Бобоҷон Сатторзода ифтитоҳ намуда, ҳозиринро ба муносибати Наврӯзи фархундапай самимона табрик гуфт.

Зимни суханронии худ ректор таъкид намуд, ки Наврӯз рамзи эҳёи табиат, покизагии маънавӣ, ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмии мардум буда, ба ҳар як инсон илҳом, умед ва нерӯи тоза мебахшад. Наврӯз ҳамчун ҷашни бостонӣ тӯли ҳазорсолаҳо дар рушди фарҳанги моддӣ ва маънавии миллати тоҷик нақши муҳим бозида, имрӯз ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Дар ин замина, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё ва муаррифии байналмилалии Наврӯз махсус таъкид гардид. Боиси ифтихор аст, ки бо раҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз аз рамзи маҳдуди миллию минтақавӣ ба як ҷашни ҷаҳонӣ табдил ёфта, ҳамчун иди сулҳу дӯстӣ, ваҳдат ва эҳтироми фарҳангҳои гуногун шинохта мешавад.

Ба андешаи Бобоҷон Сатторзода, имсол ин ҷашн ба ду рӯйдоди муҳиму таърихӣ: 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва 30-солагии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон рост меояд. Ин ҳамоҳангӣ рамзи рушди устувории донишгоҳ ва давлатамон мебошад.

Имрӯз Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳамчун макони рушди тафаккур, маркази тадқиқоти илмӣ ва пойгоҳи эҳёи арзишҳои маънавӣ шинохта мешавад. Мо бояд дар роҳи донишандӯзӣ, таҳсил, тадқиқот ва гиромидошти арзишҳои ниёгонамон устувор буда, ҷиҳати тарбияи насли ҷавони соҳибкасб, ватандӯст ва хештаншинос саҳми намоён гузорем.

- Барои донишҷӯён ва устодон низ фарорасии Наврӯз фурсати нотакрор аст. Бо илҳом аз шарофати ин ҷашни муқаддас моро месазад, ки ба омӯзиш, тадқиқот ва эҷод машғул шавем, донишу малакаҳои худро такмил дода, дар рушди ҷомеа саҳм гузорем, - иброз дошт дар ҷамъбасти суханронии худ ректор.

Дар идома як қатор устодону кормандон барои саҳми арзанда дар таълиму тарбия ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо мукофотҳои соҳавӣ қадрдонӣ гардиданд.

Ҳамин тариқ, ба устодону кормандон Нигина Сироҷова, Раъно Мирмуҳамадзода, Абдураҳмони Баҳром ва Маҳмадшариф Раҳимов барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ нишони Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Ҳамчунин, Шуҳрат Сулаймонзода, Муродалӣ Ҳусейнов, Гулрухсор Баротова, Фаррух Давлатов, Фаридун Давлатов, Наврӯз Ҷобиров ва Шарафҷон Раззоқбердиев бо Сипосномаи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ карда шуданд.

Ҳамзамон, Қутбиддин Муқимов, Маҳмадназар Нуров, Наимҷон Шоасалов, Вайс Шарипов, Давлатҷон Ҳукматов, Абдуллоҷон Абдурасулов, Сулаймон Дӯстов, Ҳокимҷон Мирзоев, Хуршед Муъминов, Ҳафиз Маҳмудов, Рушангул Назарова ва Моҳигул Мостова барои саҳми арзишманд дар рушди соҳа, дастовардҳои назарраси меҳнатӣ, садоқат ба касб ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ ба муносибати Иди байналмилалии Наврӯз бо Ифтихорномаи ДДМИТ сарфароз гардонида шуданд.

Дар баробари ин, тибқи фармоиши ректори донишгоҳ бо мақсади ҳавасмандгардонии фаъолияти илмию эҷодии донишҷӯёну магистрантон ҷиҳати татбиқи амалии ташаббусҳои ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмунҳои дохилидонишгоҳӣ доир гардида, ғолибон муайян шуданд.

Ҳамин тавр, дар озмуни «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» Макнуна Ахмедова соҳиби ҷойи 1-ум, Кибриё Мирзоева ҷойи 2-юм ва Дилшод Абдуназаров ҷойи 3-юмро соҳиб гардиданд.

Дар озмуни «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» бошад, Муҳаммад Ҳаймаҳмадов ҷойи 1-ум, Дилангез Мирзодавлатова ҷойи 2-юм ва Машраф Раҳимзода ҷойи 3-юмро сазовор шуданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ дастаи ҳунарии «Ҷавонӣ» бо суруду таронаҳои наврӯзӣ, васфи баҳор, зебоиҳои табиат, оғози кишту кори деҳқон ва рақсҳои ҷаззоб хотири ҳозиринро болида гардонид. Саҳначаҳои ҳаҷвии омоданамуда низ бо маҳорати баланд иҷро гардида, ба чорабинӣ ҳусни тоза бахшиданд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# МАРҲИЛАИ НАВИ ҲАМКОРИҲО БО ДОНИШГОҲҲОИ УЗБЕКИСТОН



13 марти соли ҷорӣ дар бинои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Форуми сеюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон доир гардид, ки мақсади он аз таҳкими ҳамкориҳои илмӣ-таълимӣ, густариши робитаҳои байналмилалӣ ва рушди минбаъдаи низоми таҳсилоти олии ду кишвар иборат буд.

Дар кори форум роҳбарон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон иштирок намуда, масъалаҳои марбут ба густариши ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ, табодули таҷрибаи илмӣ-таълимӣ, таҳкими робитаҳо дар самти тадқиқоти илмӣ ва татбиқи барномаҳои муштараки таълимиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар доираи форуми мазкур Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо се муассисаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Узбекистон, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Термез, Донишгоҳи давлатии техникии Фарғона ва

Донишгоҳи давлатии Наманган шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонид.

Ин санадҳои ҳамкорӣ ба рушди робитаҳои илмӣ ва таълимӣ миёни муассисаҳои мазкур равона гардида, барои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Пас аз анҷоми маросими баимзорасонӣ, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Сатторзода Бобоҷон ба намояндагони донишгоҳҳои ҳамкор туҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуда, изҳори умедворӣ кард, ки ин ҳамкориҳо дар оянда боз ҳам тақвият ёфта, барои рушди илму маорифи ҳар ду кишвар саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Қайд гардид, ки дар доираи шартномаҳои баимзорасида як қатор барномаҳои муштарак, аз ҷумла, роҳандозии барномаҳои табодули академии устодону омӯзгорон ва донишҷӯён, иштироки муштарак дар конференсияҳои байналмилалӣ ва форумҳои илмӣ, таҳияи лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотии муштарак, инчунин, роҳандозии барномаҳои таҳсилоти дудиплома. амалӣ карда мешаванд.

Ташкили чунин форумҳо дар таҳкими муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои илмӣ-таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон нақши муҳим дошта, барои рушди низоми таҳсилоти олӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодасозии мутахассисони рақобатпазир мусоидат менамояд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# ИНКИШОФИ БАРТАРИЯТҲОИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТ



Рӯзи 28 марти соли равон бо ташаббуси раёсати илм ва инноватсия ва кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Инкишофи бартариятҳои рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» доир гардид.

Дар кори конференсия олимону муҳаққиқон масъалаҳои мубрами рушди иқтисодиёти кишвар, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва татбиқи инноватсияҳоро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Нахуст, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Саидакмал Мирсаидов меҳмононро хайрамақдам гуфта, ҳадафи асосии конференсияро баррасии роҳҳои таҳкими рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, мубодилаи таҷриба ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ дар шароити муосир арзёбӣ намуд. Қайд гардид, ки чунин ҳамоишҳо барои таҳияи пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани мавқеи кишвар дар арсаи байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Сипас, намояндаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Латипов дар мавзуи «Афзалиятҳои асосии рақобатпазирии иқтисоди миллӣ» маърӯза намуда, зикр кард, ки дар шароити муосир раванди ҳамоҳангсозии сатҳи рушди иқтисодӣ дар ҷаҳон идома дошта, ин раванд баҳри рушди фаъолияти озоди иқтисодии хориҷӣ ва коҳиши монеаҳо замина мегузорад.

Дар идомаи конференсия узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Саидмуродзода Лутфулло Ҳабибулло дар мавзуи «Асосҳои консептуалии таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ» маърӯза намуд.

Ба андешаи мавсуф, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ қобилияти кишвар дар истифодаи самараноки захираҳо барои истеҳсоли молу хизматрасониҳои рақобатпазир дар бозорҳои гуногун мебошад.

Ҳамчунин, Амержанова Динара Амержановна, доктор PhD, дотсенти кафедраи молия ва ҳисобдории факултети иқтисод ва ҳуқуқи Донишгоҳи Торайгирови Ҷумҳурии Қазоқистон дар мавзуи «Рушди технологияҳои инноватсионии таълимӣ ҳамчун омили баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт: таҳлили муқоисавии моделҳои ҷаҳонии таълим» ба тариқи маҷозӣ баромад карда, нақши технологияҳои муосирро дар раванди таълим ва баланд бардоштани рақобатпазирии



иқтисодиёт баррасӣ кард. Таъкид гардид, ки системаи таълимии муосир бояд ба талаботи бозор ҷавобгӯ бошад ва барои омода кардани кадрҳои рақобатпазир мусоидат намояд. Инчунин, моделҳои ҷаҳонии таълим муқоиса шуда, зарурати беҳтар намудани механизмҳои маблағгузории инноватсия пешниҳод гардид.

Ибрагимов Бобуршоҳ Баҳодир уғли, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошканди Ҷумҳурии Узбекистон дар мавзуи «Дурнамои рушди маблағгузории исломӣ дар низоми хизматрасониҳои молиявӣ» маърӯза кард. Бобуршоҳ Ибрагимов нахуст аз даъват изҳори сипос намуда, ин ҳамкориро барои табодули таҷриба муҳим арзёбӣ намуд.

Мавсуф барои таъмини устуворӣ ва солимгардонии низоми бонкӣ андешидани тадбирҳои зерин, ба монанди тақвият бахшидани идоракунии корпоративӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои нав ва муосири бонкӣ, оғози раванди иҷозатномадиҳӣ барои фаъолияти бонкии исломӣ, таҳия ва қабули стратегияи фарогирии молиявӣ ва дигар чораҳои таҳкимбахши фаъолияти соҳаро мувофиқи мақсад дониста, рушди низоми молиявии исломиро ҳамчун як самти алтернативии маблағгузорӣ баррасӣ кард.

Дар музокира профессорон Баҳром Сафаров, Манзура Кошонова ва Шермаҳмад Ҷонмаҳмадов андешаҳои худро вобаста ба мавзуъҳои кори конференсия баён намуданд.

Дар фарҷоми конференсия мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ Ғиёсиддин Ғафуров ба иштирокчиён изҳори сипос намуда, аҳамияти чунин ҳамоишҳоро барои рушди илми иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ муҳим арзёбӣ кард.

Инчунин, ба меҳмон - Ибрагимов Бобуршоҳ Баҳодир уғли туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Конференсия дар бахшҳо идома ёфта, ба таҳкими назария ва амалияи рушди иқтисоди миллӣ равона шуда, дар он масъалаҳои асосӣ, аз қабили инноватсия, рақобатпазирӣ, сармоягузорӣ, маориф ва сиёсати молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Маърӯзаҳо бештар ба ҳамбастагии илм, амал ва сиёсати давлатӣ дар рушди устувори иқтисоди Тоҷикистон нигаронида шуда буданд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

Молия ва иқтисод
Камоли одамӣ дар илм бошад
Огози нашр: 7. 03. 2013
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Муассис:
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор
*Ректор*

Мирсаидов Саидакмал Аврорович
*Муовини якум, муовини ректор оид ба таълим*

Муқимов Қутбиддин Мирзоҷонович
*Муовини ректор оид ба илм ва инноватсия*

Ғаффорова Шаҳноза Абдуҷабборовна
*Муовини ректор оид ба тарбия*

Ғафуров Парвиз Ҷурахонович
*Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ*

Муродзода Диловаршо Абдулхайр
*Муовини ректор оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмурию хоҷагӣ*

САРДОРИ ШУЪБАИ ИТТИЛООТ ВА НАШРИЯ:
Очилдиев Маҳмадалӣ Мақсадуллоевич
m_mahmadali@mail.ru
934288855

САРМУҲАРРИР:
Ҷобиров Наврӯз Мирзомуродович
Navruz89.vahdat@mail.ru
907515243

МУҲАРРИР - СУРАТГИР:
Тағоймурод Эшов

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №502/РЗ-97 аз 12 майи соли 2025 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14

Тавзеҳ:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ мутолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

www.tgfeu.tj

Телефон:
934288855,
907515243

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3000
Нархаш шартномавӣ

№ 4 (237) 30.03.26 Молия ва иқтисод 3

**Мизи мудаввваре, ки рӯзи 10 марти соли равон ба муносибати таҷлили сазовори 30-солагии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳошияи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти унвони “Нақши матбуот дар ташаккули ҳувияти миллӣ” бо иштироки раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зиннатуллоҳи Исмоил ва устодони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахтиёр Ҳошимзода ва Сангин Гулов доир гардид, ба Рӯзи матбуоти тоҷик бахшида шуд.**



# НАҚШИ МАТБУОТ ДАР ТАШАККУЛИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ



Саравал ректори ДДМИТ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор ташрифи меҳмононро ба муассисаи таълимӣ хайрамақдам гуфта, дар мавриди нақши матбуоти даврӣ дар рушди фазои иттилоотӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ, суботу оромии ҷомеа ва ташаккули афкори солими шаҳрвандон суҳбат орост. Зикр гардид, ки матбуоти даврӣ яке аз муҳимтарин пояҳои ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва омили муҳими рушди фарҳангиву маънавии ҷомеа ба шумор меравад. Дар давраи Истиқлоли давлатӣ рушди воситаҳои ахбори омма, бахусус, матбуоти даврӣ бо сиёсати давлатӣ ва дастгирии роҳбарияти кишвар робитаи зич дорад. Дар ин раванд нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ташаббускор ва ҳомии рушди матбуоти миллӣ назаррас арзёбӣ мегардад.

Бобоҷон Сатторзода дар идома афзуд, ки дар тӯли зиёда аз як аср матбуоти тоҷик дар ҳамаи давраҳои таърихӣ - аз муборизаҳои маърифатпарварӣ то солҳои бунёди давлатдории навин нақши муҳим бозидааст. Қаламкашони ватандӯст бо сухани ростин ва андешаи созанда дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа саҳми арзанда гузоштаанд.

мавриди сиёсати давлат дар самти дастгирии васоити ахбори омма ва аҳли қалам андеша ронда, дар ин росто, зикр намуд, ки дар даврai истиқлолият ҷиҳати рушди матбуоти даврӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки фаъолияти воситаҳои ахбори оммаро танзим ва ҳимоя мекунанд. Дар ин раванд, сиёсати давлатии дастгирии воситаҳои ахбори омма ва тавағҷуҳи роҳбарияти кишвар нақши муҳим бозидааст.

Қонунҳои марбут ба воситаҳои ахбори омма, дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолияти нашрияҳо ба ташаккули фазои ҳуқуқии фаъолияти журналистӣ мусоидат намуданд. Ин иқдомҳо барои таҳкими озодии сухан, рушди рақобати солими иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбияти журналистон шароити мусоид фароҳам оварданд.

Кадрдонии фаъолияти рӯзноманигорон, сарфароз гардонидани онҳо бо мукофотҳои давлатӣ ва фароҳам овардани шароити беҳтари



латдории навин нақши муҳим бозидааст. Қаламкашони ватандӯст бо сухани ростин ва андешаи созанда дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва таҳкими ваҳдати ҷомеа саҳми арзанда гузоштаанд.

Ҳоло дар замони рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва фазои рақамӣ, масъулияти рӯзноманигорон боз ҳам бештар гардидааст. Ҷомеа ба матбуоти касбӣ, таҳлилӣ ва боэътимод ниёз дорад. Вазифаи асосии аҳли матбуот аз он иборат аст, ки воқеиятро бо садоқат ба ҳақиқат инъикос намуда, ба таҳкими суботи ҷомеа, рушди маънавӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати шаҳрвандон мусоидат намоянд.

Имрӯз матбуот танҳо воситаи интиқоли хабар набуда, он мактаби афкор, минбари адолат ва ойинаи ҷомеа мебошад. Ҳар калимаи нашршуда метавонад андешае биофарад, рӯҳияеро боло барад ва ё ҷомеаро ба андешаи амиқ водор созад. Аз ин рӯ, рисолати рӯзноманигор ҳамеша бо масъулияти бузурги ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ ҳамроҳ аст.

Боиси ифтихор аст, ки имрӯз дар кишвар фазои мусоиди рушди воситаҳои ахбори омма фароҳам омадааст. Даҳҳо рӯзномаву маҷаллаҳо, шабакаҳои телевизионӣ ва сомонаҳои иттилоотӣ фаъолият намуда, дар инъикоси дастовардҳои ҷомеа, тарғиби фарҳанг ва таҳкими худшиносии миллӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Зиннатуллоҳи Исмоил низ дар

фаъолияти эҷодӣ аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки ба рушди матбуоти миллӣ мусоидат мекунанд.

Дар баромадҳо ва паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти кишвар пайваста аҳли матбуотро ба масъулияти баланди касбӣ, таҳлили амиқи воқеият ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ даъват менамоянд.

Ҳамин тавр, нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ, дастгирии иҷтимоии аҳли қалам ва рушди фазои иттилоотии кишвар ба ташаккули матбуоти фаъол, масъул ва созанда мусоидат кардааст. Матбуоти даврӣ имрӯз ҳамчун ойинаи ҷомеа ва минбари афкори ҷамъиятӣ дар роҳи таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми арзанда мегузорад.

Устодони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахтиёр Ҳошимзода ва Сангин Гулов низ зимни баромадҳояшон аз нақши мондагори матбуот дар тарбияи ахлоқии ҷомеа суҳбат ороста, афзуданд, ки матбуот сарчашмаи худогоҳию бомаърифатӣ ва муаррифгари миллатҳо буда, дар пешрафти ҷомеа нақши муҳим мебозад. Мaҳз тавассути фаъолияти босамари аҳли қалам ва инъикоси воқеъбинонаи онҳо сабаби болоравии худшиносӣ, ҷаҳонбинии васеъ, ислоҳи камбудиҳои ҷомеа ва рушди давлатдорию пешравии кишварҳо мегардад.

Дар идома таъкид карда шуд, ки шакли классикии нашр (коғаз) дар замони

тараққиёти технологияи навин авлавияти худро ҳеҷ гоҳ гум намекунад, зеро он чизе, ки дар саҳифаҳои матбуоти имрӯзу дирӯз вуҷуд дошт, фардо низ боқӣ мемонад.

“Интернет ҳамчун дастоварди охири инсоният ҳеҷ гоҳ ивкор намешавад, вале вазифаи матбуоти ҳирфаӣ аст, ки ҳамеша каломи намунаву ибратбахшу судмандро пешниҳоди ҷомеа намояд. Зеро рисолати бузурги матбуот, ки хосияти маънавӣ доштани он аст, ҳамеша барои аҳли башар мондагор мебошад. Ахбори сарозери муътамаду номуътамади интернетӣ рӯзе ин ҷомеаро хаста менамояд ва ҳатман ҷомеаи башарӣ барои пешрафту таҳаввулоти маънавӣ ба матолиби матбуот такя менамояд”, - зикр намуд декани факултети журналистикаи ДМТ Бахтиёр Ҳошимзода.

Дар идомаи мизи мудаввар устод Сангин Гулов низ ибрози назар дошт, ки албатта, бисёриҳо бар он андешаанд, ки интернет ҷойи матбуоти чопиро мегирад, аммо ман ба ин андешаҳо чандон мувофиқ нестам, зеро таърих исбот намуда, ки матбуот аз байн намеравад ва то ба имрӯз сухани чопӣ қадри худро гум накардааст. Садсолаҳост, ки сухани чопӣ қадру манзалат дошту дорад, садсолаҳои минбаъда низ матбуоти тоҷик боқӣ мемонад.

Ёрдамчии ректори ДДМИТ Абдулло Давлатзода дар муҳокима ибрози назар дошт, ки ҳувият заминаи асосии худшиносии миллӣ аст. Дар ин маврид миллати тоҷик аз рӯйи сиришти хунӣ ташаккур ёфта, имрӯз Тоҷикистони мову шуморо таъсис доданд. Мо низ дар баробари дигар давлатҳо овози худро дорем, ки бо ифтихор мегӯем: “Мо тоҷикем ва бо Ватани ягонаамон Тоҷикистон мефахрем”. Тоҷикон дар тӯли таърих чаҳбреро ба сар диданд, ки ҳеҷ миллати дигар надидааст, вале ягона воситае, ки аз ҳама ҷабҳаҳои таърихӣ миллатро наҷот дод, мисли реша сабзонид, ки сухану каломи миллат буд. “Сензҳах раҳ сад хазор”-и устод Рӯдакӣ ин забони миллатро ба арсаи сиёсату давлатдорӣ баровардан буд. “Маснавии маънавӣ”-и Мавлавӣ китоби рӯйимизӣ ва асоси бунёди фалсафаи мардуми Аврупо аст, ки аз ҷаҳони андешаи бузургони Шарқ ибтидо мегирад. Аввалин матбуоти тоҷик “Бухорои шариф” низ маҳз дар замони бисёр ғуруб арзи ҳастӣ кард, вале модари сухан, модари калом ва модари андешаи созанда ба модари матбуоти тоҷик буд.

Ба андешаи мавсуф, матбуот зинаҳои гуногунро ташаккул додааст. Андешаҳои мухталифи ҳувиятсозу демократикунонии ҷомеа ва истиқлолиятхоҳӣ, ки забони тоҷикиро мақоми давлатӣ дод, аз тарихи матбуот садо доданд.

Сипас, Саъдулло Носиров, собиқ мудири шуъбаи табъу нашри ДДМИТ ба музокира баромада, аз таърихи таъсисёбӣ ва шаклгирии нашрияи “Молия ва иқтисод” ёдовар гардид. Номбурда таъкид намуд, ки дар оғоз мушкилот чӣ дар таъминоти кадрӣ, чӣ дар муҳтавову бандубасти рӯзнома ва теъдоди нашри он зиёд буданд, вале чун имрӯз рӯзномаи “Молия ва иқтисод”-ро пурмазмуну пероста ва серхонанда мебинам, шод мегардам.

Чанде қабл шуъбаи иттилоот ва нашрия бо мақсади татбиқи банди даҳлдори Нақшаи чорабиниҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба иҷрои Нақшаи миллии муқовимат ба савдои одамон барои солҳои 2025-2027 дар мавзуи “Одамрабой ва савдои одамон: пешгирӣ ва муқовимат ба он” озмуни мақолаи беҳтарин илмӣ-оммавиро эълон намуда буд. Озмуни мазкур дар арафаи Рӯзи матбуоти тоҷик ҷамъбаст гардида, ғолибон аз ҷониби ректори ДДМИТ Бобоҷон Сатторзода бо Ифтихорномаҳо қадрдонӣ гардиданд. Дар натиҷа, Ҷамрод Бобозода - мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявӣ сазовори ҷойи якум, Мастура Буриева - декани факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ соҳиби ҷойи дуюм ва ҷойҳои сеюм ба Гулпарӣ Ҳусейнова - мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ ва Гулрухсор Баротова - ассистенти кафедраи ҳуқуқи молиявӣ ва зиддикоррупсионии ДДМИТ лоиқ дониста шуд.

Инчунин, миёни донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи Конститутсия, Рӯзи Парчами давлатӣ ва Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуни илмиву эҷодии доҳилидонишгоҳӣ зери унвони “Тоҷикистон - кишвари истиқлол ва шукуфоӣ” гузаронида шуд.

Дар ин маросим ғолибон муайян гардида, бо Ифтихорномаҳо қадршиносӣ шуданд. Ҳамин тавр, Нилуна Абдулхакова, донишҷӯи курси сеюми факултети ҳисобдорӣ ва омор сазовори ҷойи якум, Мустафо Сатторзода, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси ҳуқуқи иқтисодӣ соҳиби ҷойи дуюм ва ҷойҳои сеюм ба Шаҳноза Ҳукматова, донишҷӯйи курси 2-юми ихтисоси аудит ва ревизия ва Муҳаммадҷон Боев, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси таъмини иқтисодии фаъолияти гумрукии факулети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ муносиб дониста шуданд.

Инчунин, аз ҷониби Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба кормандони шуъбаи иттилоот ва нашрияи ДДМИТ Маҳмадалӣ Максадулло, Наврӯз Ҷобиров, Ҳусейн Носирзода ва Тағоймурод Эшзода барои фаъолияти пурсамари эҷодӣ, тарғиби дастовардҳои замони истиқлол ва ҳамкории фаъолона бо Иттифоқи журналистони Тоҷикистон Сипоснома супорида шуданд.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ,**
**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# БЕ МЕҲРИ Ӯ НЕСТ ҶОНРО РАВИШ



Санаи 5 март ба ифтихори Рӯзи модар дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷамъомади тарбиявию фарҳангӣ тахти унвони «Модар - поягузори маърифат, фарҳанг ва тамаддуни миллӣ» доир гардид.

Ҷамъомадро ректори донишгоҳ Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор бо сухани табрикотӣ ифтитоҳ намуда, изҳор дошт, ки таҷлили Рӯзи модар рамзи эътирофи ҷойгоҳи баланду муқаддаси зан дар ҷомеа ва нишонаи сипосгузорӣ аз заҳмату фидокориҳои ӯ мебошад.

Ба андешаи мавсуф, дар фарҳанги миллӣ ва таърихи тамаддуни тоҷик мақоми зан-модар ҳамеша баланд арзёбӣ гардидааст. Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон низ гиромидошти зан-модар ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳоро яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат қарор дода, таъкид намудаанд: «Модар муқаддастарин мавҷудоти рӯи замин буда, меҳру муҳаббат ва дуои неки ӯ барои ҳар инсон роҳнамои зиндагист».

Зикр гардид, ки имрӯз дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бонувони донишманду масъулиятшинос дар рушду такомули илм ва омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи молия ва иқтисод саҳми назаррас мегузоранд. Занону модарони арҷманд бо заҳмати содиқона, ҷаҳонбинии фарох ва масъулияти баланд фазои илмӣ, тарбиявӣ ва маънавии донишгоҳро ғанӣ мегардонанд. Ҳузури фаъолонаи онҳо дар раванди таълим ва тадқиқот нишонаи эътимоди ҷомеа ба неруи зеҳнӣ ва иқтидори созандаи бонувон мебошад.

Аз ин рӯ, таъкид гардид, ки эҳтиром ба модар набояд танҳо ба як рӯз маҳдуд шавад. Қадршиносӣ, ғамхорӣ ва арҷгузорӣ ба модар бояд фарҳанги ҳамешагии зиндагии мо бошад, зеро эҳтиром ба модар эҳтиром ба инсон, ба оила ва баояндаи миллат аст.

Дар идома муовини раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Одиназода Ҷаманоро Рустам ҳозиринро аз номи раиси Кумита Бунафша Файзиддинзода табрик намуда, изҳор дошт, ки модар офарандаи ҳаёт, пайвандгари наслҳо ва сарчашмаи меҳру муҳаббат мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми тоҷик ба ин фариштаҳои беҳамто арҷ мегузоранд.

Қайд гардид, ки мактаби бузурги модар аз муҳаббат, тарбия, дӯстиву ҳамбастагӣ оғоз меёбад ва барои фарзанд аз он беҳтар мактаб вуҷуд надорад. Бо назардошти мақому манзалати зан-модар, бо талошҳои пайвастаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2009 инҷониб Рӯзи байналмилалии занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман ҳамчун Рӯзи модар таҷлил мегардад.

Ҳамчунин, зикр карда шуд, ки бо мақсади баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа ва таъмини иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идораи давлат, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» аз 3 декабри соли 1999 ба имзо расидааст.

Дар фарҷоми чорабинӣ бахшида ба Рӯзи модар як қатор устодону кормандони фаъол, аз ҷумла Шаҳноза Ғаффорова, Таҳмина Умаралиева, Каринэ Якубова, Нигина Мамадризоева, Ситора Қаюмова, Нигина Қарахонова, Гулрух Исломова, Заррина Ҷӯраева, Хайринисо Тешаева ва Раҷабгул Гулова барои фаъолияти пурсамар ва меҳнати софдилона бо Ифтихорномаи донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.

Инчунин, ба дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ Фирӯза Абдулвоҳидова нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ба кормандони раёсати хоҷагии маъмурӣ Сокина Наврӯзова ва Гулбаҳор Миралиева Сипосномаи Кумитаи иттифоқҳои касабаи кормандони илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд.

Дар анҷоми чорабинӣ аз ҷониби дастаи ҳунарии «Ҷавонӣ» барномаи рангини консертӣ иборат аз рақсу суруд, мусиқӣ, шеърхонӣ ва саҳнаҳои ҳаҷвию тарбиявӣ дар васфи модар пешниҳод гардид.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**






# МЕҲРИ МОДАР




Ба ифтихори Рӯзи модар 4-уми марти соли равон дар донишгоҳ мизи мудаввар тахти унвони «Меҳри модар» доир гардид, ки дар он муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдуллозода Умеда Бегмурод иштирок ва суханронӣ намуд.

Мизи мудавварро муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғаффорова ифтитоҳ намуда, бонувону духтаронро ба муносибати ин ҷашни фарҳунда табрик гуфт. Номбурда қайд кард, ки зани тоҷик табиатан тарбиятгари тавоно буда, бо хоксорӣ ва меҳрубонияш марҳами дили дардмандон мебошад. Аз ин рӯ, модарону хоҳарони азизи мо рисолати хешро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ сарбаландона иҷро намуда, сазовори ҳурмату эҳтироми ҷомеа гардидаанд.

Сипас, муовини раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Абдуллозода Умеда Бегмурод дар баромади худ таъкид намуд, ки агар дар бораи бузургии зан ва мақому манзалати ӯ дар ҷомеа соатҳо сухан гӯем ҳам, боз басанда нахоҳад буд. Ба гуфтаи ӯ, дар доираи татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади тақвият бахшидан ба фаъол мавкеи занон дар ҷомеа ва ба фаъол гардонидани нақши онҳо як қатор қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, барномаҳои давлатӣ қабул гардидаанд, ки ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа равона шудаанд.

Ӯ, ҳамчунин зикр кард, ки яке аз санадҳои муҳими тақдирсоз дар ин самт Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» мебошад. Илова бар ин, таъмини баробарҳуқуқии мардону занон ва кафолати давлатии имкониятҳои баробари онҳо дар қонунҳои соҳавӣ низ мустаҳкам гардидааст.

Дар анҷоми чорабинӣ устоди донишгоҳ Нигина Сирочова ва донишҷӯ Гулчеҳра Сайдализода дар васфи модар шеърҳо қироат намуда, ба чорабинӣ ҳусни тоза бахшиданд.

Бояд гуфт, ки ин мизи мудаввар ифодакунандаи меҳру муҳаббат, арҷгузорӣ ва таваҷҷуҳи беандоза ба бузургӣ ва манзалати зан-модар буд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ШАҲНОЗА ҒАФФОРОВА БО ИФТИХОРНОМАИ ҲУКУМАТИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ САРФАРОЗ ГАРДИД

**Бо ташаббуси Раёсати кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар Муассисаи давлатии “Телевизиони Душанбе” ҳамоиши маърифатӣ-фарҳангӣ тахти унвони «Зан-Модар пайвандгари наслҳо» бо иштироки бонувони фаъоли пойтахт баргузор гардид.**



Чорабинӣ ба ифтихори Рӯзи Модар доир гардида, дар он саҳми занон дар рушди ҷомеа, тарбияи насли наврас, ҳифзу таҳкими арзишҳои миллӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар оғози ҳамоиш муовини Раиси шаҳри Душанбе Одилзода Дилбар Раҳим баромад намуда, ба муносибати ин санаи фарҳунда, ки дар оғози фасли зебои баҳор ва дар арафаи ҷашни байналмилалии Наврӯз таҷлил мегардад, Паёми шодбоши Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалиро ба ҳозирин расонид. Дар паём ба занону модарон саломатии бардавом, хушбахтӣ, рӯзгори осуда ва комёбиҳои нав дар фаъолияти ҷамъиятӣ таманно карда шуд.

Дар фарҷоми чорабинӣ як қатор бонувони пойтахт барои фаъолияти самарабахш ва саҳми арзанда дар рушди ҷомеа бо сипоснома ва ифтихорномаҳо қадрдонӣ гардиданд.

Аз ҷумла, барои саҳми назаррас дар баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа, иштироки фаъолона дар корҳои ҷамъиятӣ, мусоидат дар татбиқи сиёсати давлатии вобаста ба занон ва оила, тарғиби арзишҳои миллӣ ва таҳкими эҳсоси ватандӯстӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шаҳноза Ғаффорова бо Ифтихорномаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шуд.

Ин дастовард нишонаи эътирофи фаъолияти пурсамар ва саҳми арзандаи бонувони донишгоҳ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва занон буда, барои боз ҳам густариш ёфтани корҳои тарбиявию маърифатӣ дар муҳити донишгоҳ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Роҳбарият ва ҳайати омӯзгорону кормандони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муаллимаи азизро ба муносибати ин дастоварди арзанда самимона табрик намуда, дар фаъолияти минбаъдаи илмию тарбиявиаш комёбиҳои нав орзу менамоянд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ГЕНДЕРӢ ДАР СОҲАИ ГУМРУК



11-уми марти соли равон коршиноси Бонки ҷаҳонӣ Зарина Самадова ба факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии донишгоҳ ташриф оварда, аз фаъолияти озмоишгоҳи гумрукии факултет аз наздик шинос шуд.

Сипас, бо донишҷӯёни курси чоруми ихтисосҳои марбутаи факултет дар мавзуъҳои вобаста ба хадамоти гумрук, молия ва назорат дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ суҳбати озоду самимӣ анҷом дод.

Ин вохӯрии судманд дар доираи татбиқи лоиҳаи «Татбиқи сиёсати гендерӣ дар соҳаи гумрук: афзалиятҳо ва мушкилоти мавҷуда» доир гардид. Зикр гардид, ки имрӯзҳо масъалаҳои гендерӣ дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми муҳимро соҳиб гардидааст. Ин раванд дорои як қатор афзалиятҳо мебошад, аз ҷумла, таъмини баробарҳуқуқии мардону занон, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои занон, фароҳам овардани шароити мусоид баҳри бартараф намудани тафовути иқтисодӣ, таҳким бахшидани захираҳои меҳнатӣ, таъмини риояи принсипҳои демократӣ ва ташаккули тафаккури озоди ҷамъиятӣ нисбат ба мавқеи занону мардон дар ҷомеа ва оила.

Дар ҷараёни чорабинӣ коршинос аз бартариятҳо ва мушкилоти мавҷудаи соҳа сухан гуфта, ҳамчунин, ба донишҷӯён оид ба касби интихобкардаашон маслиҳатҳои муфид пешниҳод намуд.

Дар анҷоми вохӯрӣ миёни коршинос, устодон ва донишҷӯён мубодилаи афкор сурат гирифта, ба саволҳои иштирокчиён посухҳои мушаххас дода шуданд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**

# “ТОҶИКОНА МЕПӮШЕМ”

Санаи 16-уми марти соли равон дар ДДМИТ бо мақсади тарғиби фарҳанги миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои ниёгон ва боло бурдани ҳисси ватандӯстӣ миёни донишҷӯён чорабинии фарҳангӣ таҳти унвони «Тоҷикона мепӯшем» доир гардид.

Дар рафти чорабинӣ донишҷӯёну омӯзгорон бо либосҳои зебои миллӣ, аз ҷумла чакан, атлас ва адрас фазои донишгоҳро боз ҳам рангоранг ва идона гардониданд.

Тавре мутахассиси шуъбаи кор бо занон ва духтарон Маҳбуба Ғаффорова иброз дошт, ин иқдом ба он равона шудааст, ки ҷавонон ба пӯшидани либоси миллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, суннатҳои қадимаи мардуми тоҷикро эҳё ва ҳифз намоянд.

Иштирокчиён таъкид намуданд, ки либоси миллӣ рамзи таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллати тоҷик ба шумор меравад. Аз ин рӯ, эҳтиром ва истифодаи он нишонаи арҷгузорӣ ба гузашта ва мероси фарҳангии ниёгон аст.

Ҳадафи асосии чунин ташаббусҳо баланд бардоштани ифтихори миллӣ, муаррифии либоси суннатии тоҷикон, тарғиби фарҳанги миллӣ дар миёни ҷавонон ва тақвияти худшиносии миллӣ мебошад.

Ин иқдом махсусан, дар арафаи ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Наврӯз аҳамияти бештар дошта, фазои дӯстӣ, ҳамбастагӣ ва худшиносии миллиро миёни донишҷӯён таҳким мебахшанд.

**Шуъбаи иттилоот ва нашрия**



# ШАҲРИ МО АЗ ГУЛРУХОН МИСЛИ ГУЛИСТОН ГАШТААСТ



**30-уми марти соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Фестивали «Сайри гули лола» бо шукуҳи хоса доир гардид. Дар он устодону донишҷӯён иштирок намуда, дар мавзеъҳои зебою гулзори донишгоҳ шеъру сурудхонӣ карданд. Донишгоҳ ба базмгоҳи миллии гулҳо табдил ёфта буд. Донишҷӯдухтарон бо шукргузорӣ аз истиқлолу диёри ободу зебо бо либосҳои миллӣ дар васфи гулу баҳори Тоҷикистон суруд мехонданд, ки басо ҷолиб буд.**

Ҳадаф аз баргузории ин фестивал, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи донишу маърифат, фарҳангу ҷаҳонбинӣ, бедор намудани завқи зебоипарастӣ, ободу зебо намудани ҳар як гӯшаи диёр буда, ба эҳёи суннатҳои ниёгон, ободии муҳити зист, рушди гулпарварӣ, афзун намудани муҳаббат ба табиат ва ҷалби сайёҳон мусоидат менамояд.

Дар озмуни ҷумҳуриявии “Сайри гули лола”-и ДДМИТ ҳунари гулдузӣ ва расму оинҳои миллӣ ба намоиш гузошта шуд. Инчунин, рақсу суруд танинандоз буд.



Тайи солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як шукуҳу шаҳомати хос доир намудани «Сайри гули лола» нишонаи арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик буда, мардумро ба корҳои ободонию сабзкорӣ ҳидоят мекунад.

Ҷои шукргузорист, ки баъд аз расидан ба Истиқлоли миллӣ маросиму суннатҳои халқии мо дубора эҳё мешаванд ва бо симою падидаҳои тоза арзи вуҷуд мекунанд, ки аз амну осоиш ва рӯзгори ободи мардуми мо дарак медиҳанд. Яке аз чунин чорабиниҳо ин Фестивали «Сайри гули лола» аст, ки бо ҷилои нав эҳё гардид ва чанд сол аст, ки дар тамоми манотиқи кишвар баргузор мегардад.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**



# ВАЗЪИ ТАТБИҚИ МУҚАРРАРОТИ ҚОНУН «ДАР БОРАИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Бо мақсади татбиқи босамари сиёсати давлатӣ дар самти ҳифз, эҳё ва рушди забони миллӣ, инчунин, назорат ва санчиши вазъи риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», намояндагони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон семинари омӯзишӣ доир намуданд. Дар семинар директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума»-и назди кумита Дӯстзода Ҳамрохон Ҷумъа, сардори шуъбаи коргузорӣ ва назорати кумита Достон Ҳафизов ва сардори раёсати экспертизаи забоншиносии Маркази миллии тарҷума Ҳабибулло Раҷабзода иштирок намуданд.

Дар оғоз муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Мукимов иброз дошт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ забони тоҷикӣ ҳамчун муқаддасоти миллӣ эътироф гардида, мақому манзалати хосаро соҳиб шудааст. Дар рушд ва таҳкими мавқеи забони давлатӣ нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург аст. Бо ташаббуси Сарвари давлат силсилаи қонуну қарорҳо дар бораи забони тоҷикӣ қабул гардида, барои рушди минбаъдаи он заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар идомаи семинар директори Муассисаи давлатии «Маркази миллии тарҷума» Ҳамрохон Дӯстзода барои ҳамкориҳои судманд дар самти татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба роҳбарият ва ҳайати омӯзгорони донишгоҳ изҳори сипос карда, таъкид намуд, ки тибқи нақшаи кории кумита барои нимсолаи якуми соли 2026, аз 10 то 14 марти соли 2026 дар ДДМИТ вазъи иҷрои талаботи қонуни мазкур ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор гирифт.

Инчунин, иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва «Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ» санҷида шуданд.

Зимни санҷиш масъалаҳои вазъи иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба забони давлатӣ, сатҳи риояи қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат дар ҳуҷҷатнигорӣ, дурустии номгузории сохторҳо, сифати таҳияи матнҳои расмӣ ва ҳолати лавҳаву овезаҳо дар дохили донишгоҳ мавриди омӯзиш қарор дода шуданд.

Натиҷаи санҷиш нишон дод, ки дастовардҳои назаррас дар самти гиромидошти забони давлатӣ ва талошҳои роҳбарияти донишгоҳ ҷиҳати таҳкими мақоми забон мусбат арзёбӣ гардиданд. Ҳамзамон, баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ошкор гардида, барои бартараф намудани онҳо ба роҳбарияти донишгоҳ тавсияҳои мушаххас пешниҳод карда шуданд.

Тавсияҳо асосан ба самтҳои такмили сатҳи таҳриру таҳияи ҳуҷҷатҳо, мутобиқ намудани матнҳо ба қоидаҳои амалкунандаи имло, тақвияти назорати дохилӣ дар масъалаҳои забонӣ ва баланд бардоштани маърифати забонии кормандон равона гардиданд.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ роҳбари гурӯҳи корӣ Ҳамрохон Дӯстзода доир ба асолат, покизагӣ ва арҷгузорӣ ба забони давлатӣ андешаҳои пурмуҳтаво баён намуда, таъкид кард, ки забони тоҷикӣ ҳамчун пояи асосии давлатдорӣ ва рукни муҳими ҳувияти миллӣ бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа қарор дошта бошад. Риояи меъёрҳои забон нишонаи эҳтиром ба таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ мебошад.

Дар муҳокима устодони донишгоҳ Манзура Ҳасанова, Илҳом Неъматов ва Нигина Сироҷова доир ба масъалаҳои марбут ба рушди забони давлатӣ андешаю пешниҳодҳои худро баён карданд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# НАҚШИ ҶАВОНОН ДАР ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ

Рӯзи 16-уми марти соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чорабинии сиёсӣ-идеологӣ бо иштироки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва устодону донишҷӯён зери унвони "Масъулияти ҷавонон дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ: муқовимат бо таҳдидҳои муосир, ҷинояткорӣ ва зуҳуроти экстремистиву террористӣ" доир гардид.

Нахуст, муовини ректор оид ба тарбияи донишгоҳ Шаҳноза Ғафорова таъкид намуд, ки саҳми ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва иштироки фаъолона дар чорабиниҳои тарғиботии дорои рӯҳияи ватандӯстӣ назаррас аст. Мавсуф ҳадафи асосии вохӯриро баланд бардоштани маърифати ҳуқуқию сиёсии ҷавонон, таҳкими ҳисси






ватандӯстӣ, пешгирии ҷинояткорӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои муосир, аз ҷумла экстремизм ва терроризм арзёбӣ намуд.

Сардори ШВКД-1 дар ноҳияи Сино полковники милитсия Суҳроб Ҳайдарзода оид ба вазъи ҷинояткорӣ, бахусус ҳолатҳои қаллобӣ, дуздӣ ва карзгирию фиреб дар байни шаҳрвандон маълумот пешниҳод намуд. Номбурда аз афзоиши баъзе ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ноболиғону ҷавонон изҳори нигаронӣ намуда, зикр кард, ки ҷанҷолу кордзанӣ байни баъзе ҷавонон яке аз масъалаҳои ташвишовар мебошад. Яке аз омилҳои чунин ҳолатҳо бепарвоии баъзе волидон ва паст будани сатҳи маърифат ба шумор меравад.

Таъкид гардид, ки яке аз принсипҳои муҳими сиёсати инсондӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ватан баргардонидани шаҳрвандоне мебошад, ки аз роҳи гумроҳӣ ба сафи гурӯҳҳои ифротӣ пайвастаанд. Дар ин замина, мақомоти милитсияи шаҳри Душанбе дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳиро густариш медиҳад.

Қайд гардид, ки тибқи эзоҳи моддаҳои 307 иловаи 3 ва 401 иловаи 1-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандоне, ки аз кирдорҳои қаблан содирнамудаи худ сидқан пушаймон шуда, ихтиёран ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат менамоянд, дар сурати набудани дигар аломатҳои ҷиноят аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд. Ин иқдом ба бозгашти ихтиёрии шаҳрвандон ва пешгирии шомилшавии онҳо ба гурӯҳҳои ифротӣ мусоидат менамояд.

Дар идома масъалаҳои эҳтироми либоси миллӣ, фарҳанги шаҳрнишинӣ ва риояи меъёрҳои аҳлоқӣ низ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Ёрдамчии сардори РВКД дар шаҳри Душанбе Омина Шухратзода бошад, дар бораи нақши ҷавонон дар таҳкими ҳувияти миллӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва тарбияи насли соҳибфарҳанг сухан ронд. Ба андешаи номбурда, ҷавонон бояд дар байни ҳамсолони худ тарзи ҳаёти солимро тарғиб намуда, дар пешгирии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ саҳми фаъол дошта бошанд.

- Барои нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеа фаъолияти дастҷамъона зарур буда, бетарафӣ метавонад боиси мушкилоти ҷиддӣ гардад. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд барои таъмини ояндаи дурахшони кишвар аз имрӯз дар роҳи донишомӯзӣ, тарбияи ахлоқӣ ва хизмат ба Ватан кӯшиш намоянд, - зикр кард баромадкунанда.

Дар рафти чорабинӣ, масъалаҳои марбут ба сиёсати давлатии ҷавонон, самтҳои афзалиятноки он, баланд бардоштани маърифати зеҳнии ҷавонон, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва пешгирии ҷомеа, бахусус ҷавонон аз зуҳуроти номатлуб хатарзо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Баромадкунандагон таъкид карданд, ки тақвияти корҳои маърифатӣ ва идеологӣ дар ҷомеа яке аз омилҳои муҳими таҳкими сулҳу субот мебошад. Бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва авзои мураккаби ҷаҳонӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифат ва ҳушёрии сиёсии ҷавонон аҳамияти махсус дорад.

Дар қисмати музокира устодону донишҷӯён таклифу пешниҳодҳои худро оид ба беҳтар намудани корҳои тарғиботию маърифатӣ ва баланд бардоштани мавқеи ҷавонони фаъол иброз доштанд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# БО АМАЛҲОИ НОМАТЛУБ ЯКҶОЯ МУБОРИЗА МЕБАРЕМ!



Санаи 3-юми марти соли равон дар факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии ДДМИТ ҳамоиши устодону донишҷӯён дар мавзуи «Коррупсия, терроризм ва экстремизм ҳамчун таҳдид ба ҷомеаи муосир ва роҳҳои пешгирии он» доир гардид, ки дар он Раҳмонзода Фаромарз Назришо - майори адлия, намояндаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуд.

Нахуст, декани факултет Мастура Буриева иброз дошт, ки ҳадаф аз гузаронидани вохӯрӣ ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, пешгирӣ намудани ҳама гуна зуҳуроти манфӣ дар ҷомеа, алалхусус дар байни ҷавонону донишҷӯён ва бартарафсозии омилҳои ба он мусоидаткунанда мебошад.

Раҳмонзода Фаромарз Назришо бошад, дар навбати худ, зикр намуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз барои решакан кардани амалҳои коррупсионӣ дастҷамъона мубориза мебаранд. Тоҷикистон низ чун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри пешгирӣ ва аз байн бурдани коррупсия дар қаламрави кишвар тадбирҳои судманд андешидааст. Аҳолии ҷумҳурӣ, аллакай дарк кардаанд, ки амалҳои коррупсионӣ барои пешрафти ҷомеа монеа эҷод мекунанд.

Экстремизм ва терроризм низ барои ҳар як ҷомеа хатари ҷиддӣ доранд. Барои мубориза бо ин зуҳурот ҳар як шахс, махсусан ҷавонон бояд масъулиятшинос бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва ба доми таблиғоти ифротӣ наафтанд. Барои муборизаи муассир бо ин зуҳуроти хатарнок зарур аст, ки ҳамаи қишрҳои ҷомеа аз оила то мактаб, аз ниҳодҳои давлатӣ то ҷомеаи шаҳрвандӣ якҷоя амал кунанд. Танҳо бо ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулпазирӣ ва рушди маънавиёт метавонем ҷомеаи амн ва мутамаддин бунёд кунем.



Устодон ва донишҷӯёни ДДМИТ низ дар ин самт бетараф набуда, баҳри тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва пешгирии амалҳои номатлуб тадбирҳои муҳимму зарурӣ меандешанд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ИҚТИСОДИЁТИ “САБЗ”: МОҲИЯТ ВА ЗАРУРАТИ РУШДИ ОН

*Иқтисоди “сабз” як бахши илми иқтисод аст, ки дар охири асри 20 ба вуҷуд омадааст. Он ба хотири зарурати коҳиш додани таъсири манфии фаъолияти инсон ба муҳити зист эҷод ва амалӣ карда мешавад. Амалӣ намудани иқтисоди «сабз» рушди устувори иқтисодиро афзалият дода, шиддати хатарҳо ба муҳити зистро коҳиш медиҳад. Тарафдорони ин тамоюл бар ин назаранд, ки иқтисод як ҷузъи вобастаи муҳити табиӣ буда, дар дохили он инкишоф ёфта, бидуни устувории вазъи мусоиди иқлим рушд ёфтанаш самаранок нест.*



Асри нав тамоюли саноатикунонии иқтисодиро дар ҳама кишварҳо ба маротиб боло бурда истодааст. Агар дар ин марҳила масъалаи иқтисоди “сабз” ба инобат гирифта нашавад, таърихи ояндаи табиату ҷамъият зери хатар хоҳад монд. Бояд донем, ки мафҳуми иқтисоди “сабз” ба ҳама соҳаҳои илми иқтисодӣ ва табиатшиносӣ зич алоқаманд аст.

Иқтисоди “сабз” иқтисодиётест, ки сатҳи зиндагии мардумро марҳила ба марҳила аз хатар дур гардонида, маърифати пешгирии харобкориҳои муҳити зистро дар ҷомеа таъмин мекунад.

Ҳадафҳои иқтисоди «сабз» моҳиятан рушди фарогир дар системати идоракунии оқилонаи муҳити зист буда, кам кардани манбаъҳои партовҳои газҳои гулхонаиро ба ҳаво дар бар мегирад. Аз ҷониби дигар, он ба ҳифзи экосистема равона карда мешавад. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, энергетикӣ, манбаъҳои барқароршавандаи энергия, такрористеҳсолкунонӣ, ба истеҳсолоти пай дар пай равона намудани партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва дигар субъектони истеҳсолӣ, пешгирӣ аз исрофкории иқтисодӣ меҳвари аслии рушди иқтисоди «сабз»-ро дар бар мегирад.

Донишмандону пажуҳишгарон доир ба ин масъала андешаҳои мухталиф доранд, аммо аз моҳияти омӯзиши таълифоти онҳо ба ин хулоса омадан мумкин аст, ки назарияи иқтисоди «сабз» дар заминаи се қоидаи бидуни баҳс асос ёфтааст:

- агар фазо маҳдуд бошад, доираи таъсиррасонии мақсадҳоро дар самти татбиқи ҳадафҳо бидуни баинобатгирии дурнамои имкониятҳои истифодашаванда беохир васеъ кардан мумкин нест;
- дар шароити маҳдуд будани ҳама шакли имкониятҳо, воситаҳо, манбаъҳо ва захираҳо қонеъ гардондани талаботи бепоён афзудаистодаро талаб кардан ғалат аст;
- маҷмуи муносибатҳо дар рӯи замин ба ҳам алоқаманд буда, таърихи ҷамъият ҳамеша дар дохили имкониятҳои мавҷудаи таърихи табиат инкишофу рушд меёбад ва ҳеҷ муносибате бидуни занҷираи пайвастагии ҳамдигарӣ буда наметавонад.

Олимону мутахассисони соҳаи иқтисоди «сабз» ҷараёни рушди иқтисодиро аз рӯи муносибатҳои классикии истифодабарии имкониятҳои иқтисодӣ дар шароити талаботи рӯзафзуни феълӣ ғайри қобили қабул медонанд. Зеро муносибатҳои классикии истифодабарии имкониятҳои иқтисодӣ, яъне захираҳои табиии сайёра, ки то кунун дар авҷи истифода қарор дошта, бо фаҳмиши донишҳои анъанавӣ асоси рушди иқтисодӣ маҳсуб мешаванд, ба фалокати экологӣ ва бақои ҳаёт дар сайёраи замин оварда мерасонад.

Дар асоси объектҳои умумии ин илм, мо метавонем ба хулосае биёем, ки натиҷаи фаъолияти донишмандону олимони соҳаи иқтисоди «сабз» ҳамгироиву пайвастагии воқеии ин илмро бо илмҳои дигар, махсусан, илмҳои табиатшиносӣ ба таври куллӣ ба вуҷуд оварда, худ методологҳои татбиқи ҳамаҷонибаи қонуниятҳои инкишофёбандаи ин раванд мебошанд.

Ҳамин тариқ, муҳимтарин принсипҳое, ки донишмандони соҳаи иқтисоди «сабз» ҳангоми интихобу коркарди усулҳои донишҳои илмӣ ва таҳияи стратегия асоснок карда ба онҳо рӯ меоранд, ин:

- афзалият додан ба омилҳои экологӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷудияти инсоният дар шароити маҳдуди захираҳо ва васеъшавии талаботҳо;
- радабандӣ намудани марҳилаҳои татбиқи иқтисоди «сабз», ки дар сатҳи консептуалӣ, идеологӣ, маърифатӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ амалӣ карда мешавад;
- муҳайё намудани шароити инкишофи технологияҳои нав ва мутобиқ ба талаботҳои истеҳсолотии “сабз” ҷорӣ намудани он бар ҳама бахшҳои истеҳсолӣ.

Дар раванди амалинамоии шаклҳои гуногуни ноилшавии ҳадафҳои “сабз” дар низоми иқтисодӣ, навҷӯиҳои технологӣ ва равонанамоии онҳо ба истеҳсолот зарур аст, як қатор ҷиҳати имконпазирии татбиқ ва самаранокии ҳадафҳоро, ки принсипҳои асосӣ маҳсуб меёбанд, талаби замон қабул намоем.



- сарҳадҳои зарари муҳити зистӣ мушаххас гардида, асосноккунониву қобили қабул будани бартарафсозиҳои онҳо чораандешӣ карда шаванд ва ҷиҳати андешидани тадбирҳо ботаи эҷоду ташаккулёбии сарҳадҳои нави муқарраршудаи муносибатҳои иқтисодӣ-табиӣ ё табиӣ-иқтисодӣ диққати махсус равона карда шавад;
- дурустии таҳлилҳои истеҳсолӣ, назорати ҳамаҷонибаи муносибатҳои истеҳсоливу иқтисодии байнисоҳавии инкишофёбанда.

Бояд фаҳмид, ки дар зинаҳои консептуалӣ иқтисоди «сабз» заминае баҳри таҳияи стратегияи умумии амал ҷиҳати татбиқи роҳҳои расидан ба ҳадафҳои олии “сабз” ва рушди системаҳои иқтисодӣ мегардад.

Омӯзишҳо возеҳ месозанд, ки феълан яке аз мушкилоти асосие, ки ҷомеаи ҷаҳониро дар самти расидан ба ҳадафҳои “сабз”, ҳифзи бехатарии сайёраи замин, таҳкими бақои ҳаёт дар ин сайёра ба ташвиш овардааст, ин истифодабарии неруи барқи аз лиҳози экологӣ ғализ, ки ба воситаи истифодаи манбаҳои атомиву ангиштӣ роҳандозӣ карда шудаанд ё шуда истодаанд, мебошад. Дуруст аст, ки дар ин самт баъзе кишварҳо майли зиёд баҳри истифодаи маҳдуди чунин неруи барқро рӯи даст гирифта истодаанд. Аммо, аз сӯи дигар, назар афканем, падид меояд, ки дар ин самт шеваҳои дуқутрагии рафторҳо ҷой дошта, ҳатто мамлакатҳое низ муайян ҳастанд, ки доираи истифодабарии чунин манбаъҳоро боз тавсеа бахшида истодаанд. Агар ин раванд дар сатҳи ҷаҳонӣ чораандешии ҷиддӣ наёбад, чунин тавсеаёбиҳо боиси харобшавии экосистема шуда, ба афзоиши партовҳои газҳои гулхонаӣ ба атмосфера, халалдоршавии беоқибати таҳкими бақои ҳаёт ва азбайнравии бехатарии сайёраи замин мусоидат мекунад.

Тоҷикистон дар шароити имрӯза яке аз кишварҳои фаъоли тавсеабахши неруи барқи “сабз” ва аз лиҳози экологӣ тоза дониста мешавад. Бо хулосабарорӣ аз омӯзиши муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат, ки 28-уми декабри соли 2024 ироа гардида буд, Роҳбари давлат таъкид доштанд, ки “Ҳукумати мамлакат бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ бо истифода аз ҳамаи имконияту сарчашмаҳои мавҷуда, хусусан, манбаъҳои рушди «энергияи сабз» мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст”, метавон гуфт, ки дар натиҷаи татбиқи ҳадафмандонаву устуворонаи ҳамаи он нақшаҳои андешидашуда кишвари мо дар ояндаи наздик ба роҳнамои калидии истеҳсолкунандаи неруи барқи “сабз”-и минтақа табдил меёбад.

Дар ҳамин замина, шаклҳои гуногуни тавсеаёбии иқтисоди «сабз» барои Тоҷикистон муҳайё хоҳад гашт ва ҳамон тавре зимни Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат ҳануз 28-уми декабри соли 2023, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён доштанд, ки “... Тоҷикистон ҳамчун давлати пешсафи ҷаҳон дар самти инкишофи «иқтисоди «сабз» соли 2037 воқеан ба «кишвари сабз» табдил меёбад”, мо ба ҳадафҳои рушди сабзамон мерасем.

Бо такя ба имкониятҳои мавҷудаи иқтидори иқтисодии Тоҷикистон, ки аксаран хусусияти табиатан сабзравонакунандашударо доранд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои бузурги тавсеаёбии иқтисоди миллӣ дар мамлакати мо зиёд буда, механизми татбиқи онҳоро зарур аст амалӣ созем. Бояд механизми маърифативу ҳуқуқии ҳамкориҳои ҳамаи тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла ҷамъият, давлат, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, технологиву инноватсионӣ, ҳама бахшҳои соҳибкорӣ, муассисаҳои истеҳсоливу саноатӣ, молиявию тиҷоратӣ шаклан пурра ва мутобиқ ба талаботи замон тавсеаёфта эҷод гардида, ҳамоҳангии самарабахши фаъолияти онҳо зери назорат, таҳлил ва натиҷагирии доимӣ қарор гирифта шавад.

Кишвари мо дар асоси амалинамоии мақсадноку сифатноки муқаррароти Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва барномаҳои миёнамуҳлате, ки дар заминаи он қабул гардида, инчунин, Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 метавонад дар истифодаи иқтидори иқтисоди «сабз» ва ташаккули додани иқтисодиёти миллӣ бо истифода аз чунин сарчашмаҳо мавқеи пешсафро ишғол намояд.

Манбаи муҳими рушди иқтисоди «сабз» дар кишвар дастгирии сармоягузории ниҳодҳои молиявӣ ва шарикони рушд мебошад, ки ҳамкориҳои молиявии онҳо дар татбиқи Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 саҳми калидӣ мегузорад. Аз ин рӯ, дар раванди татбиқи ин стратегия ҳамкории муассир бо институтҳои молиявӣ ва шарикони рушд ба роҳ монда шудааст.

Раванди рушди иқтисоди «сабз» идомаи мантиқии рушди устувор буда, маҷмуи унсурҳои рушди иқтисодӣ ва устувории экологиро инъикос мекунад. Ташаббуси иқтисоди «сабз» ба чунин рукнҳо:

- истифодаи механизмҳои бозорӣ барои ноил шудан ба рушди устувор;
- ҳифзи сармояи табиӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ;
- эҷоди ҷойҳои корӣ тавассути ташкили ҷойҳои кории “сабз” асос ёфтааст.

Дар ин росто, Президенти мамлакат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 28-уми декабри соли 2023 қайд карданд, ки «...Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ яке аз кишварҳои татбиқкунандаи «иқтисоди «сабз»» маҳсуб мешавад ва аз нигоҳи истифодабарии манбаъҳои барқароршавандаи энергия яке аз шаш кишвари пешрафтаи сайёра мебошад, зеро 98 дарсади неруи барқро неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мекунанд».

Рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи муайянеро паси сар карда истодааст. Омӯзиши таҷрибаи пешқадам, маълумотноккунонии аҳолӣ оид ба моҳият, зарурат, муҳимият, муфидии иқтисоди «сабз» ва истифодабарии мақсадноки сарчашмаҳои мавҷудаи он, инчунин, маблағгузорӣ ба соҳаи рушди иқтисоди «сабз» тавассути ҷалби ҳамаи субъектҳои давлативу ҷамъиятӣ ва шарикони рушд метавонад ҷиҳати тавсеаи бомайлони мақсадҳои тарҳрезикардашуда шароит мусоид муҳайё намоянд. Ҳарчанд мушкилоти назаррас дар ин самт вуҷуд доранд, аммо марҳила ба марҳила монеаҳо ҳал шуда, имкониятҳо бузург хоҳанд шуд ва он рӯз дер нест, ки мамлакати мо дар ин ҷода ба дастовардҳои бемисл ноил мегардад.

**Абдулло ДАВЛАТЗОДА,**
**омӯзгори ДДМИТ**

# ДДМИТ ДАР ОИНА

















# ДДМИТ ДАР ОИНА


















# МЕНЕҶМЕНТИ ИННОВАТСИОНӢ - НЕРУИ ПЕШБАРАНДАИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**Маҳфили илмии донишгоҳии "Дурахши илм", ки санаи 2 марти соли равон бо ибтикори раёсати илм ва инноватсия ва кафедраи менеҷменти факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ баргузор гардид, ин навбат паҳлуҳои мухталифи мавзуи иқтисоди инноватсиониро фарогир буд.**



Дар расми ифтитоҳи маҳфил муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов мужда расонд, ки ба муносибати таҷлили сазовори 30-солагии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳошияи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузории 5 озмунро барои донишҷӯёну магистрантон ба нақша гирифтаанд, ки "Беҳтарин табрикоту таманниёт дар васфи донишгоҳ (шеъру тарона, эссе, мақола, нақшу сӯзаниҳо дар гӯша ва матоъҳо, аксҳо ва наворҳои тасвирӣ)", "Беҳтарин мақолаи вокунишӣ ва таблиғотӣ" ва викторинаи "Иқтисоддони беҳтарин" аз зумраи ин ташаббусҳо ба шумор меравaнд ва ширкати фаъолонаи муҳассилини муассисаи таълимӣ боиси пурҷозибатар гардидани ин чорабиниҳо ва инчунин, сайқал ёфтани зеҳну муаррифии бештар гардидани худи донишҷӯёну магистрантон дар фазои илму дониш мегарданд.

Тавре дар идома муовини ректор оид ба илм ва инноватсия бори дигар ёдрас кард, дар баробари он ки марҳила ба марҳила аз маҳфил то маҳфил сафи хоҳишмандони иштирок дар "Дурахши илм" рӯ ба афзоиш дорад, инчунин, маълум мегардад, ки сатҳ, нуфуз ва ҷойгоҳи он фаротар меравад. Дар ин росто Муқимов Қ.М. мужда расонд, ки аллакай се донишгоҳи хориҷӣ аз Русия, Қазоқистон ва Белорус дархости узвият ба маҳфили мазкурро пешниҳод кардаанд, ки минбаъд дар маҳфилҳои "Дурахши илм" ба таври онлайнӣ ширкат варзида, ба ин васила табодули андеша ва таҷриба менамоянд.

Сипас, ҳозирин маърузаи донишҷӯёни соли чоруми факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ Саидмухтор Абдусаломзода дар мавзуи "Менеҷменти инноватсионӣ - неруи пешбарандаи иқтисодиёти рақамӣ", Беҳрӯз Қурбонов дар мавзуи "Менеҷменти инноватсионӣ дар шароити тағйирёбии рақамӣ: мушкилот ва имкониятҳои рушд", ҳамчунин, магистранти соли аввали ихтисоси 1-26020200 -и факултети мазкур Ҷиёнхони Ашуралиро дар мавзуи "Иқтисоди рақамӣ дар муҳити нави тиҷорат ва имкониятҳои он"-ро шуниданд.

Аз ҷониби муаррифгарони мавзуъ таъкид карда шуд, ки мавзуи пешниҳодкардаи онҳо ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» (2025-2030) бахшида шуда, ҳадафи он таҳкими заминаҳои назариявию амалии менеҷменти инноватсионӣ дар шароити иқтисодиёти муосир ва густариш ва табодули андеша миёни донишандӯзон дар самтҳои рақамикунонӣ ва инноватсия мебошад. Зеро дар шароити кунунӣ гузаштани тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ба иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ саривақтӣ буда, пешгирикунандаи омилҳои коррупсионӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки давоми чанд соли охир рушд бахшидани иқтисоди рақамӣ ба яке аз ҳадафҳои муҳими Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта моро водор месозад, ки бо рушди технологияи рақамӣ ва инноватсия тавонем дар беҳбудбахшии соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ саҳм гузорем.

Ҳамин аст, ки дар Паёми навбатии худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, таъкид намуданд, ки бояд дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад, ки ҳадафи ниҳоии он ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ҳосилнокӣ ва шиддатнокии меҳнат ва ба даст овардани даромаду фоидаи баланд нигаронида мешавад.

Дар тақвияти суханони маърузачиён муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори ДДМИТ, номзади илмҳои иқтисодӣ Носирзода Ҳусейни Саъдулло иброз дошт, ки менеҷмент ин шакли идораи нав буда, навоварии дар амал татбиқгардидаест, ки афзоиши сифату рушди самаранокии истеҳсолот ё маҳсулоти бозорталабро таъмин мекунад. Он натиҷаи ниҳоии фаъолияти зеҳниву ақлонии инсон, самараи тахайюлу эҷод ва бозёфту кашфиёти ӯ мебошад. Дар умум бошад, ҳадафи ниҳоии менеҷмент тавлиди неъмат ва адои хизмат, яъне қонеъ гардондани талаботи мизоҷон ва талаботи иҷтимоӣ бо воситаи бозор мебошад.

Ҳамзамон, Ҳусейн Носирзода андешаҳояшро дар мавриди инноватсия, ки натиҷаи илм дар амалия аст, баён дошта, афзуд, ки инноватсия навоварии дар амал татбиқгардидаест, ки афзоиши сифату рушди самаранокии истеҳсолот ё маҳсулоти бозорталабро таъмин мекунад. Он натиҷаи ниҳоии фаъолияти зеҳниву ақлонии инсон, самараи тахайюлу эҷод ва бозёфту кашфиёти вай ба шумор меравад.

Дар бахши пурсишу посух ва мубоҳисаву музокираҳо донишҷӯёну омӯзгорон баҳсҳои асосноку заминавӣ ва созандаву ошкор ороста, маҳфилро гарму дилнишин сохтанд.

Дар умум бошад, бо изҳори бовариву умед хулоса бароварда шуд, ки "Дурахши илм" як навъ тақвиятдиҳандаи маҳфилҳои илмиву маърифатии назди кафедраву факултетҳои муассисаи таълимӣ хоҳад буд, ки бо супориши ректор аз тамоми маҳфилҳои донишҷӯёни назди кафедраҳо донишҷӯёни фаъол, онҳое, ки имкону неруи дар оянда дар озмунҳо, маҳфилҳо, чорабиниҳои илмӣ, семинару форумҳои донишҷӯён иштирок карданро соҳиб буда, нуфузи донишгоҳро дар дилхоҳ чорабиниҳои илмӣ баланд бардошта метавонанд, гирдоварӣ гардидаанд. Бинобар ин, метавон итминон ҳосил кард, ки маҳфили "Дурахши илм" маҳз ҷиҳати ташаккули тафаккури зеҳнии донишҷӯён ташкил ёфтааст ва ҳадафаш низ пайдо намудани чеҳраҳои нави илмӣ ва дар умум, пурқувват намудани базаи илмиву зеҳнии донишгоҳ мебошад, ки бешакк, ба ин мақсади пешгузоштаи худ расида истодааст.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

# БАРРАСИИ МАСОИЛИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ДАР «ДУРАХШИ ИЛМ»




Рӯзи 12 марти соли 2026 маҳфили илмии донишгоҳии донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти унвони «Дурахши илм» дар мавзуи «Усулҳои муайян намудани арзиши гумрукӣ: ҷанбаҳои иқтисодӣ ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир гардид.

Нахуст, сардори раёсати илм ва инноватсияи донишгоҳ Ҷовидон Халифазода иброз дошт, ки маҳфили илмии донишгоҳии донишҷӯён «Дурахши илм» бори ҳаштум аст, ки баргузор шуда, рӯз то рӯз таваҷҷуҳи донишҷӯён ба он бештар гардидааст. Дар як муддати кӯтоҳи фаъолияти худ ин маҳфил тавонист чеҳраҳои нави илмиро ошкор намуда, онҳоро ба озмуну олимпиадаҳои шаҳрию ҷумҳуриявӣ пешниҳод намояд. Айни ҳол даври донишгоҳии Озмун барои дарёфти Стипендияи Раиси шаҳри Душанбе миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргузор гардида истодааст. Тибқи дастури бевоситаи ректори донишгоҳ Бобоҷон Сатторзода, ба ин озмун асосан он донишҷӯёне пешниҳод карда мешаванд, ки аъзои фаъоли маҳфили «Дурахши илм», маҳфилҳои илмии донишҷӯён ва дар маҷмуъ, донишҷӯёни фаъол бошанд.

Ба иттилои Ҷовидон Халифазода, агар соли гузашта танҳо 6 нафар донишҷӯ барои иштирок дар ин озмун ҳуҷҷат пешниҳод карда бошанд, имсол ин нишондиҳанда ба 24 нафар расидааст. Ин дастоварди назаррас боиси ифтихор мебошад. Ҳаҷми стипендияи мазкур 7 ҳазор сомониро ташкил дода, барои донишҷӯён давоми як сол кумаки хуби молиявӣ ба ҳисоб меравад. Умед аст, ки аксари довталабони донишгоҳ дар ин озмун ба муваффақият ноил мегарданд.

Дар идомаи маҳфил маърузаи донишҷӯёни курси 4-уми ихтисоси 1-960101 - хадамоти гумруки факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодӣ Суннатулло Аҳтамзода ва Муҳаммадсаид Ҳасанзода шунида шуд.

Дар ҷараёни маҳфил таъкид гардид, ки барои муайян намудани арзиши гумрукии мол усулҳои муайян мавҷуданд. Пеш аз баррасии онҳо иштирокчиён ба таърихи пайдоиши созмонҳое, ки ба ташаккули низоми муайянкунии арзиши гумрукӣ таъсир расонидаанд, таваҷҷуҳ намуданд.

Дар идома гуфта шуд, ки арзиши гумрукии мол арзиши молест, ки аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқол дода шуда, тибқи талаботи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ин арзиш барои ҳисоб кардани пардохтҳои гумрукӣ ва татбиқи дигар тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ истифода бурда мешавад.

Ба андешаи баромадкунандагон, усули асосии муайян намудани арзиши гумрукӣ усуле мебошад, ки ба нархи муомилоти молҳои воридотӣ асос ёфтааст. Дар ҳолати имконнопазир будани истифодаи ин усул, усулҳои дигар ба таври пайдарпай истифода мегарданд.

Аз ҷумла, чунин усулҳо мавҷуданд:

-усули муайян намудани арзиши гумрукӣ тибқи нархи молҳои воридотӣ;

-усули муайян намудани арзиш дар асоси тарҳи арзиш;

-усули муайян намудани арзиш дар асоси ҷамъ намудани арзиш;

-усули эҳтиётӣ, ки дар ҳолатҳои махсус истифода бурда мешавад.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки агар муайян намудани арзиши гумрукӣ бо усулҳои зикршуда имконнопазир бошад, дар асоси маълумоти мавҷуда дар ҳудуди гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон усули эҳтиётӣ истифода бурда мешавад.

Хулоса карда шуд, ки татбиқи дурусти усулҳои муайян намудани арзиши гумрукӣ метавонад ба рушди савдои байналмилалӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гумрук мусоидат намояд. Инчунин, пешниҳод гардид, ки истифодаи технологияҳои муосир ва низоми электронии гумрукӣ боз ҳам густариш дода шавад, то равандҳои муайян намудани арзиши гумрукӣ сода, дақиқ ва шаффоф гарданд.

Дар идома миёни иштирокчиён суолу ҷавоб ва мубоҳиса сурат гирифта, устодони факултет низ фикру мулоҳизаҳои илмии худро иброз доштанд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# ДАВРИ ДОНИШГОҲИИ ОЗМУНИ “ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ”



**Рӯзи 4 марти соли равон дар ДДМИТ даври донишгоҳии озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” аз рӯйи чор номинатсия ҷамъбаст ва номзадии арзандаҳо ба даври ниҳоӣ пешбарӣ гардиданд.**

Чорабиниро муовини ректори донишгоҳ оид ба илм ва инноватсия Қутбиддин Муқимов ифтитоҳ бахшида, перомуни ҳадафҳо ва шартҳои озмун сухани муқаддимавӣ намуд ва ҳамзамон афзуд, ки тибқи низомнома озмуни мазкур бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару суханрон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ доир мегардад.

Қайд гардид, ки дар сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ ба мақоми китоб ҳамчун ҷузъи фарҳанги хирадгароӣ, маърифатафрӯзӣ дар тарбият, савод ва маънавиёти ҷомеа, интишори осори суханварон ва донишмандони гузаштаву имрӯза дорои мақоми шоиста мебошад. Қутбиддин Муқимов дар идома афзуд, ки Пешвои миллат бо таваҷҷуҳи хоса таъкид меварзанд, ки миллати мо бо китоб ва китобхонӣ, заковат ва маърифатнокии худ дар ҷаҳони мутамаддин мақоми шоиста касб кардааст ва “китобхонӣ ҷузъи муҳими тарбияи насли наврас” ба шумор меравад.

Сипас, мавсуф аз номи раёсати донишгоҳии озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ва ҳайати комиссия барору комёбиҳо таманно намуда, бо итминон изҳор намуд, ки иштирокчиён тавассути мутолеаи фароҳ, ошноӣ бо адабиёти милливу ҷаҳонӣ донишу заковати хешро дар сатҳи матлуб нишон хоҳанд дод.

Мушоҳидаи афзоиши сафи довталабон нисбат ба солҳои қаблӣ, сатҳи омодагӣ ва мушоҳидаи баромади онҳо шаҳодати ҳол аст, ки дар ҳақиқат довталабон китобҳои зиёди бадеиро мутолиа намуда, ҳазорон байтро аз худ кардаанд, ки ҷиҳати боз ҳам вусъат ёфтани равандҳои китобдӯстиву китобхонӣ ва фароҳам омадани шароити мусоид эҷодкориву навоварӣ ва майли бештари насли ҷавон ба донишвариву мусоидат хоҳад кард.

Дар озмуни мазкур донишҷӯёни арзандаи ҳамаи факултетҳо иштироки фаъолона доштанд ва маҳорати баланди зеҳнии худро дар сатҳи шоиста нишон доданд. Озмун имкон фароҳам овард, ки ҷавҳари хиради донишҷӯён ва истеъдоди фитриву мавкеи устувори онҳо дар роҳи расидан ба ҳадафи пешгузоштаи худ рӯнамой гардад ва сайқал ёбаду сабақе бардошта шавад. Зеро ба таъкиди ҳамешагии Пешвои миллат: “роҳи наҷот аз ҷаҳолат, хурофотпарастӣ, ифротгароӣ ва дода нашудан ба ҳама гуна идеологияҳои дурӯғину фитнаангез - ин ҳама аз китобхонӣ, бофарҳангӣ, зиракии сиёсӣ ва донистани таърихи маданияти халқи худ мебошад”.

Ҳайати ҳакамон, ки аз миёни устодону омӯзгорони соҳибтаҷриба ва баландихтисоси донишгоҳ интихоб гардида буданд, фаъолияти ҳар як иштироккунандаро бо диққати том арзёбӣ намуда, ҷиҳати беҳтар гардидани сатҳи омодагӣ ва ислоҳи камбудиҳо маслиҳатҳои муфид пешниҳод намуданд.

Дар анҷоми озмун, ғолибони даври донишгоҳии озмун аз рӯйи чор номинатсия муайян гардида, ба даври ниҳоӣ роҳхат гирифтанд.

Ҳамин тариқ, ҷойҳои аввалро донишҷӯёни донишгоҳ Бадалов Азамат (номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ), Саидализода Гулчеҳра, Муҳиддинова Нигора ва Солеҳзода Муборакшо (номинатсияи адабиёти классикии тоҷик), Ҳомилзода Эҳсон. Пирова Сокина, Мирзоев Сомон ва Самиев Умедҷон (номинатсияи адабиёти муосири тоҷик) ва дар номинатсияи адабиёти ҷаҳон Абдулҳақова Нилгуна ва Аҳмадкулова Азиза ба даст оварданд.



Дар маросими ҷамъбасти озмун муовини ректор оид ба илм ва инноватсия иттилоъ дод, ки иштирокчиён ва ғолибони озмуни мазкур мувофиқи нақшаи пешбинишуда аз ҷониби раёсати донишгоҳ қадршиносӣ карда шуда, роҳбарони онҳо низ бо мукофотҳои пулӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» соли хаштум мешавад, ки таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегардад. Тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2026 озмун байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, омӯзгорони ҳама зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмию эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун ва дигар табақаҳои аҳолии мамлакат гузаронида мешавад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки соли 2026 аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Тоҷикистон барои баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» 8 миллиону 290 ҳазор сомонӣ ҷудо карда мешавад.

Барандаи Шоҳҷоизаи озмун соҳиби 140 ҳазор сомонӣ хоҳад гашт.

Барои ғолибони ҷойи аввал - 70 ҳазор сомонӣ, ҷойи дуюм - 50 ҳазор сомонӣ ва ҷойи сеюм - 40 ҳазор сомонӣ мукофот пешбинӣ шудааст. Қобили зикр аст, ки соли 2025 барои баргузорӣ ва қадршиносии ғолибони озмун 6 миллиону 670 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида буд.

**Маҳмадалӣ ОЧИЛДИЕВ**

# «ШОҲНОМАХОНӢ» ЗАМИНАИ МУСОИД БАРОИ РУШДИ ИСТЕЪДОДҲОИ ҶАВОН

**Санаи 27 марти соли равон бо мақсади тарғиби мероси адабии ниёгон, таҳкими худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани завқи китобхонӣ миёни ҷавонон даври донишгоҳии озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» доир гардид.**

Нахуст, муовини ректор оид ба тарбия Шаҳноза Ғафорова иброз дошт, ки соли ҷорӣ озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор мегардад. Дар ин замина, 29 августи соли 2025 амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба баргузории ин озмун ба тасвиб расидааст. Чунин иқдомҳо ба ҷавонон имкон фароҳам меоранд, то ба ҷаҳони пурғановати адабиёти классикӣ ворид гардида, аз осори безаволи Абулқосим Фирдавсӣ сабақ гиранд ва эҳсоси ифтихор аз таъриху фарҳанги миллӣ дар замири онҳо тақвият ёбад.



Дар идомаи чорабинӣ сардори раёсати ташкиливу тарбиявӣ Сиёвуш Ҳабибов, сардори шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ Ҷумъахон Ҷангизода ва ҳайати устодон Ҷумъа Махшулов, Манзура Ҳасанова, Нигина Сироҷова ва Илҳом Мирзоев доир ба аҳамияти фарҳангиву маърифатии озмун суханронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои фарҳангӣ буда, ба гиромидошти мероси гаронбаҳои адабии халқи тоҷик «Шоҳнома» равона шудааст. Ин иқдом дар таҳкими худшиносии миллӣ, эҳёи арзишҳои таърихӣ ва боло бурдани эҳсоси ватандӯстӣ нақши муассир дорад. «Шоҳнома» ҳамчун шоҳкори ҷовидона даврони беш аз ҳазор сол инсониятро ба рӯҳияи қаҳрамонӣ, адолатпарварӣ ва инсонгароӣ ҳидоят намудааст.

Тибқи низомнома, барои донишҷӯён талаботи мушаххас, аз ҷумла аз ёд донистани на кам аз 2000 байт аз «Шоҳнома», шарҳи мазмуни порчаҳо ва достонҳо, донистани тарҷумаи ҳоли шоир, шинохти қаҳрамонони асосӣ ва корномаҳои онҳо, қироати ифоданок ва нақли равон, донистани таърихи эҷод ва аҳамияти асар муқаррар гардидааст.

Дар даври донишгоҳии озмун донишҷӯёни фаъол: Машраф Раҳимзода, аз факултети молия ва қарз, Фариштамоҳи Тоҷиддин, аз факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ, Рукмина Меликзода, Комрон Толибов, аз факултети ҳисобдорӣ ва омор, Мавҷуда Додоҷонова, Пайғом Тухурзода ва Нигора Муҳиддинова, аз факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва Зайнаб Абдураҳмонзода, аз факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ширкат варзида, маҳорати баланди суханварӣ ва дониши амиқи худро аз осори «Шоҳнома» намоиш доданд. Ғолибон ба даври навбатӣ роҳхат гирифтанд. Инчунин, устодон чун роҳбаладу роҳбари онҳо дар ин самт интихоб гардиданд.

Дар фарҷом таъкид гардид, ки даври донишгоҳии озмуни «Шоҳномахонӣ» дар ҳақиқат чеҳраҳои шоистаро муаррифӣ намуда, заминаи мусоидро барои рушди минбаъдаи истеъдодҳои ҷавон фароҳам овард.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# НАСЛИ НАВРАСРО ДОНИШМАНД, БОФАРҲАНГ ВА МАСЪУЛИЯТШИНОС ТАРБИЯ НАМОЕМ!

*Дар сиёсати давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол эҳё ва рушди беҳтарин анъанаҳои миллӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар ин замина, мақоми зан-модар ҳамеша дар ҷойгоҳи баланд қарор дошта, бо эҳтироми арҷгузории хосса қадрдонӣ мегардад. Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нуфуз ва манзалати занон, бахусус модарони гиромӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолияти босамар доранд ва рисолати худро сарбаландона иҷро менамоянд.*

*Боиси ифтихор аст, ки дар ДДМИТ низ саҳми бонувон назаррас буда, омӯзгорону кормандони зиёде аз ҳисоби онҳо бо фаъолияти пурмаҳсул дар тарбияи зеҳниву маънавии ҷавонон саҳм мегузоранд. Аз ҷумла, устодоне низ фаъолият доранд, ки дар якҷоягӣ бо модарони худ дар роҳи пуршарафи омӯзгорӣ хизмат мекунанд. Ин ҳамкории нодир намунаи равшани пайванди арзишҳои оилавӣ ва касбӣ мебошад.*

*Дар арафаи идҳои баҳорӣ мо бо ду нафар аз чунин устодон ҳамсуҳбат шуда, ба онҳо бо саволи «Фаъолият кардан дар як муҳити корӣ бо модар ба Шумо чӣ медиҳад?» муроҷиат намудем.*



**Нусратуллозода Нилуфар Нусратулло - ассистенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ:**

- Ман фаъолияти худро дар як муассисаи таълимӣ ҳамроҳи модарам Мавҷуда Давлатова, сармутахассиси раёсати корҳои ташкилию тарбиявии донишгоҳ пеш мебарам. Ин ҳамкорӣ барои ман на танҳо таҷрибаи касбӣ, балки мактаби воқеии зиндагист. Мо якҷо кӯшиш мекунем муҳити омӯзиширо барои донишҷӯён ҷолиб, дӯстона ва самаранок гардонем.

Ҳар рӯз бо дастгирии ҳамдигар таҷриба ва донишҳои худро мубодила намуда, мекӯшем донишҷӯёнро на танҳо бо донишҳои назариявӣ, балки бо малакаҳои амалӣ, тафаккури мустақил ва ҳисси масъулиятшиносӣ тарбия намоем.

Кор бо модар ба ман дарки амиқи арзишҳои инсонӣ ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ва масъулиятро омӯзонд. Ин таҷриба ба ман имкон медиҳад, ки касбро на танҳо ҳамчун вазифа, балки ҳамчун рисолати тарбияи насли ояндасоз дарк намоям. Мо пайваста талош мекунем, ки бо самимият ва масъулият дар рушди маънавию зеҳнии ҷавонон саҳми арзандаи худро гузорем.

**Муборак Мирзоалиева - ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ:**

- Ростӣ, фикр мекардам, ки навиштан дар бораи модар осон аст, аммо акнун дарк кардам, ки ин аз мушкилтарин мавзуъҳост. Зеро модар на танҳо як калима, балки як ҷаҳони пур аз меҳру муҳаббат ва фидокорист.

Агар баҳор заминро сабз гардонад, пас модар қалби инсонро сабзу зинда нигоҳ медорад. Барои ман модарам на танҳо модар, балки устоди аввалин ва роҳнамои зиндагист.

Солҳост, ки бо модарам якҷо фаъолият дорам. Ӯ мисли хуршедест, ки бо нури илму маърифат роҳамро равшан месозад. Бо дастгирии ӯ ман дар самтҳои гуногуни донишгоҳ фаъолият намуда, дар ниҳоят касби пуршарафи омӯзгориро интихоб кардам.

Модар сарчашмаи ҳаёт, меҳрубонӣ ва ахлоқи ҳамида аст. Ӯ аввалин омӯзгор, аввалин дӯст ва такягоҳи инсон мебошад. Бо сабр ва муҳаббати беандоза фарзандро ба камол мерасонад ва роҳи дурусти зиндагиро нишон медиҳад.

Модари ман Ҳомидова Қутбия Ҳалимхоновна, номзади илмҳои таърих, дотсент ва Аълочии маориф ва илм барои ман намунаи беҳтарини инсонӣ ва касбӣ мебошад. Ман ифтихор мекунам, ки чунин модари донишманду меҳрубон дорам ва кӯшиш мекунам дар зиндагӣ ба ӯ монанд бошам: ростқавл, устувор ва масъулиятшинос.



Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки муҳаббат, меҳрубонӣ ва ғамхории модарон неруи бузурги маънавиест, ки ҷомеаро рушд медиҳад. Маҳз бо чунин арзишҳо мо метавонем насли наврасро донишманд, бофарҳанг ва масъулиятшинос тарбия намоем.

**Суҳбаторо:**
**Тағоймурод Эшзода**

## ЭЪЛОН

Ба таваҷҷуҳи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар расонида мешавад, ки рӯзҳои 24-25-уми апрели соли 2026 бо ташаббуси факултети фаъолияти гумрукӣ ва амнияти иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ДДМИТ озмуни ҷумҳуриявии "Беҳтарин донандаи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон" гузаронида мешавад. Ин иқдом дар такя бо дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу донишу малакаи ҷавонон бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ мегардад.

Барои маълумоти бештар метавонед ба кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ бо нишонии ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14, E-mail: g-ozmun2026@mail.ru, тел.: (+992) 919-27-67-76; (+992) 555-80-44-00 муроҷиат намоед.

## ШАҲТУТИ САБЗ

Модарам шаҳтути сабзи дар барам,
Меваащ шаҳди забони дилбарам,
Ҷӯйи шираш ҷӯяки ҷонофарам,

Нақарот
Бо забони модарӣ бо модарам,
Бе забони модарӣ бемодарам.

Дар дилаш холиқи ҷон ғунҷидааст,
Субҳи ишқи ҷовидон ғунҷидааст,
Силаи нарми забон ғунҷидааст,

Нақорат
Тобиши хуршед дорад дар вуҷуд,
Ганҷури фаршед дорад дар вуҷуд,
Наврӯзи Ҷамшед дорад дар вуҷуд,

Нақорат
Ранҷи овозаш зи гулбарги хазон,
Аз сиёҳии дили соҳибкамон,
Дар камарҳо аз ҳароси оҳувон,

Нақорат
Рӯҳи фотеҳ дар набарди таърих аст,
Гармибахши ҷисми сарди таърих аст,
Бо "Шифо" дармони дарди таърих аст,

Нақарот
Пок аст, қалби фалакро поксоз,
Фитраташ шоҳинпариояндасоз,
Сӯйи илму сӯйи дониш сарфароз,

Нақарот

## ШАМШЕРИ ШОН
### (Илҳом аз "Шоҳнома")

Чу Тусӣ тавон ёфт ба имон шон,
На аз ҳадяву не зи моли гарон.
Азизаш Манижа чунони падар,
Тавонаш зи номус, хитоб корагар.

Каломи суханвар ҷаҳонофарӣ,
Ҷаҳоне ба қудрат чу лафзи дарӣ
Зи Ҷамҳед фазлаш, адаб кишвараш,
Авасто зарафшон, Ватан заргараш.

Ба некӣ тавон ёфт замони Ҳушанг,
Ки шамшери ҳикмат напечад ба занг.
Зи ғилоф баркашам яке теғи шон,
Чунони Фаридун ба қасди бадон.

Азе чархи гардун пур аст аз бадӣ,
Ба афлоки пурдар мабодо дадӣ.
Кушо чашми дилро, ба дунё нигар,
Ҷилои дигар деҳ ба бахти башар.

Биёву назар кун ба нури саҳар,
Ки тобад ба қалбат зиёи зафар.
Расон пайраҳатро ба умқи сухан,
Ба дониш ту бикшо гиреҳи расан.

Муҳаббат сиришкест зи шохоби дил,
Равон аст чу дарё ба рағми бахил.
Ба ҳар қатраобаш сароб аз дарун,
Саробе, ки зулмат дар он сарнагун.

Мабодо, ки аз адли дил сар кашӣ,
Қаламро зи кина ба дафтар кашӣ.
Қалам аз дуруштӣ наояд ба бор,
Зи килки такаббур гурезад барор.

Зи модар дуо гир чу аз офтоб,
Ки илмат физояд тавони китоб.
Дурушти ҳамонест чунон зеҳни кунд,
Ба озор кашад ҷон зи гуфтори тунд.

Чу хоҳӣ, ки исмат шавад арҷманд,
Ҷаҳон бегазанду хатар мустаманд.
Ба дунёи хирад худатро шинос,
Пас он арзишат мерасад то сипос.

**Ҷумъа МАХШУЛ,**
**омӯзгори ДДМИТ**

## ВАСФИ МОДАР

Аё модар ҷаҳони ҷовидонам,
Тамоми ҳастии ту вирди забонам.
Аё модар туи боғи биҳиштам,
Чароғи равшани дар сарнавиштам.
Намуди баҳри ман орзуҳоятро фидо,
Ҳамеша нурбахши мисли офтоби пурсафо.

**Фариштамоҳи ТОҶИДДИН,**
**донишҷӯи курси 1 ихтисоси 1-24010300 ҳуқуқи иқтисодии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ**

# САФАРОВ ИЛҲОМ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ ҲИМОЯ КАРД



13 марти соли равон дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-051 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳимояи рисолаи номзадии муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ Илҳом Сафаров дар мавзуи «Маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.

Номбурда рисолаи илмии худро барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - молия, муомилоти пулӣ ва қарз тахти роҳбарии ичрокунандаи вазифаи профессори кафедраи иктисоди чаҳони ДДМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мехтархон Содиқов бомуваффақият дифоъ намуд.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур таҳлили амиқи асосҳои назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ буда, ба таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ равона гардидааст, ки метавонанд барои баланд бардоштани самаранокии низоми чалби сармоягузорӣ дар иқтисоди миллии кишвар мусоидат намоянд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар муайян намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Мо, устодону кормандони донишгоҳ Илҳом Сафаровро бо ин дастоварди арзандаи илмӣ самимона табрик гуфта, ба ӯ дар фаъолияти минбаъдаи илмӣ барору комёбихо орзу менамоем. Бовар дорем, ки натичаҳои ин таҳқиқот дар амалия татбиқ гардида, барои рушди илм ва баланд бардоштани сифати таҳсилот саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ТАҚДИМИ СЕРТИФИКАТ АЗ ҶОНИБИ "ҲУМО БОНК"




Дар асоси шартномаи ҳамкории дучонибаи бахши тачрибаомӯзӣ ва рушди касбияти раёсати таълим бо ҶСП "Ҳумо Бонк", курси омӯзишӣ барои тайёр намудани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ бо номи "Бонкири ҷавон" аз ҳисоби хатмкунандагони факултети молия ва қарз дар давоми як моҳ гузаронида шуд.

Ташкили курси таълимӣ бо мақсади омода намудани мутахассисони ҷавон дар соҳаи бонкдорӣ, инчунин, муайян ва интихоб намудани номзадҳои болаёқат барои гузаштани тачрибаомӯзӣ ва ба ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагони донишгоҳ дар ҶСП "Ҳумо Бонк" роҳандозӣ шуда буд.

Санаи 17-уми марти соли равон 12 нафар хатмкунандагони факултети молия ва қарзи ДДМИТ бо муваффақият ин курсро хатм намуданд. Аз тарафи кормандони бонк Г. Шербадалова, Я. Исмоилова, Ш. Раҳматова ва А. Нурматов ба донишҷӯён сертификат ва тухфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

**Г. ЛАТИПОВА,**
**сардори бахши тачрибаомӯзӣ ва рушди касбият**

# ДОНИШҶӮИ ДДМИТ - ҶАВОНИ ФАЪОЛУ УМЕДБАХШИ ДУШАНБЕ



Зимни маросими кадршиносии беҳтаринҳо ва ташкилотҳои кор бо чавонон ва варзиши шаҳри Душанбе, донишҷӯйи курси 3-юми ихтисоси аудит ва ревизияи факултети ҳисобдорӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Исмоил Асроров бо пешниҳоди сардори шуъбаи кор бо ҷавонони донишгоҳ Ҷумахон Ҷангиев бо унвони "Ҷавони фаъолу умедбахши шаҳри Душанбе дар соли 2025" эътироф гардида, соҳиби сипосnoma гардид.

Озмуни «Ҷавони фаъолу умедбахши шаҳри Душанбе» бо мақсади муаррифии ҷавонони қобили эътироф ва фаъол дар самтҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ихтироъкорӣ баргузор мегардад. Ин иқдом, ки тахти таваҷҷуҳи роҳбарияти шаҳри Душанбе қарор дорад, ба ҷавонон имкон медиҳад, ки идеяҳои нав пешниҳод намуда, ташаббусҳои эҷодиро амалӣ созанд.

Исмоил Асроров яке аз донишҷӯёни фаъолест, ки бо маҳорати баланд, фаъолияти ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои илмӣ-эҷодии худ диққати ҳакамон ва ҷомеаи маърифатдӯстро ба худ ҷалб намуд. Ғолибияти ӯ на танҳо дастоварди шахсӣ, балки намунаи ибрат барои донишҷӯёни ДДМИТ мебошад, ки бо меҳнатдӯстӣ, эътимод ба худ ва муҳаббат ба Ватан ба сӯи муваффақият қадам мегузоранд.

Исмоил хатмкардаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №20 ба номи Александр Сергеевич Пушкини ноҳияи Шохмансури шаҳри Душанбе буда, айни ҳол дар донишгоҳ ба тарики бучавӣ таҳсил менамояд ва сардори гурӯҳи "Б" 1-25011100-ро ба уҳда дорад.

Ба забономӯзӣ шавки беандоза дошта, пайваста барои такмили дониш кӯшиш менамояд. Ӯ донандаи сатҳи олии забонҳои русӣ, англисӣ ва олмонӣ, дорои сертификатҳои Upper Intermediate ва Goethe-Zertifikat B1 мебошад.

- ДДМИТ яке аз донишгоҳҳои хеле хуб ва дорои шароити мусоид мебошад, ки шахсиятҳои арзандаву сазоворро тарбия менамояд. Беҳтарин кормандони соҳаи иқтисод ва молия мутахассисони донишгоҳи мо мебошанд. Дар соҳаи ҳисобдорӣ ва омор шахс метавонад дар тамоми коргоҳҳое, ки муомилоти молиявӣ доранд, фаъолият намояд. Меҳоҳам яке аз аудиторони байналмилалӣ гардида, соҳиби сертификати CAP шавам ва дар ташкилотҳои ҷаҳонӣ соҳиби обрӯ гардам, - мегӯяд қаҳрамони мо.

Барои ин ҷавони фаъолу умедбахш дар роҳи илму дониш ва фаъолияти касбӣ муваффақияту сарбаландӣ таманно дорем.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМИИ ВОЖАНОМАИ ИСТИЛОҲОТИ ХЕШӢ


ДИЛОВАРОВ МАНУЧЕХР МАЗАМОВИЧ

ВОЖАНОМАИ ИСТИЛОҲОТИ ХЕШӢ
(англисӣ, русӣ, тоҷикӣ, шеваҳои чанубу шаркии забони тоҷикӣ)

СЛОВАРЬ ТЕРМИНОВ РОДСТВА
(английский, русский, таджикский, юго-восточные говоры таджикского языка)

KINSHIP TERMS AND TERMINOLOGY
(English, Russian, Tajik, south-eastern dialects of the Tajik language)

ДУШАНБЕ 2026

Дастури таълимии вожаномаи истилоҳоти хешӣ (бо забони англисӣ, русӣ, тоҷикӣ, шеваҳои ҷанубу шарқии забони тоҷик)-и муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии ДДМИТ Манучеҳр Диловаров зери назари профессор П. Ҷамшедов пешкаши хонандагон гардонида шуд.

Китоб аз тарафи Шурои илмӣ-методии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» аз 25-уми ноябри соли 2025 барои нашр тавсия шудааст.

Дар ин китоб 329 вожаномаи истилоҳоти хешовандӣ бо забонҳои англисӣ ва русӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, дар он истилоҳоти хешовандӣ бо забонҳои англисӣ ва русӣ, инчунин шаклҳои тоҷикии дар шеваҳои ҷанубу шарқии забони тоҷиккорбастшавандаи онҳо оварда шудаанд.

Калимаҳои решагии истилоҳоти хеширо дар лағатҳои умумӣ метавон пайдо кард, вале ҷиҳати фарккунанда дар ин вожанома, ба назари мо, таркибҳои аз ин истилоҳот сохташуда ҷой додани калимаҳои шеваҳои ҷанубу шарқии забони тоҷикӣ мебошад. Бо назардошти ин, онро метавон вожаномаи соҳавӣ ҳисобид. Аз вожанома ҳангоми тадриси (омӯзиши забони англисӣ ва русӣ) ва пешбурди корҳои илмӣ (дар самти таҳқиқи шеваҳои ҷанубу шарқии забони тоҷикӣ) метавон истифода кард. Хонанда метавонад, ки аз таркиби луғавии шеваҳои забони тоҷикӣ огоҳӣ ёфта, дар ҳифзи он саҳмгузор бошад.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# ДОНИШҶӮЁНИ МО ЗИДДИ НАШЪАМАНДӢ ВА ОДАМРАБОИЯНД!

**Тибқи нақшаи чорабиниҳои раёсати ташкилию тарбиявӣ ва раёсати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ, рӯзи 27-уми феврал ҳамоиши сиёсиву тарбиявӣ таҳти унвони «Пешгирии нашъамандӣ ва одамрабоӣ» бо иштироки намояндагони Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе доир гардид. Дар ин воҳӯрӣ устодон ва донишҷӯёни факултети ҳисобдорӣ ва омор ҳузур доштанд.**

Дар оғоз декани факултети ҳисобдорӣ ва омор Ёрибек Тилабов таъкид намуд, ки дар баробари хатари нашъамандӣ, масъалаи одамрабоӣ низ яке аз ҷиноятҳои ниҳоят хатарнок мебошад, ки ҳуқуқҳои асосии инсонро поймол мекунад, ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ таҳдид менамояд ва суботи амнияти ҷомеаро халалдор месозад.

Ёрибек Тилабов дар идома иброз дошт, ки дар шароити ҷаҳони муосир, бо афзоиши ҷинояткории фаромиллӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, савдои инсон ва гурӯҳҳои созмонёфта, хатари содиршавии одамрабоӣ низ мураккаб гардидааст. Барои кишварҳое чун Тоҷикистон таквияти механизмҳои мубориза бо ин зуҳурот аҳамияти хос дорад.

Дар ҳамоиш мутахассисони Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии наркалогӣ» Баракатулло Ниёзов, Мансур Воҳидов, Робия Рахмонова, Нигина Камолова ва Дилрабо Ҷалолова иштирок намуда, атрофи мавзуъҳои нашъамандӣ ва одамрабоӣ суханронӣ карданд.

Гуфта шуд, ки нашъамандӣ қобилияти фикрро коҳиш дода, рӯҳия ва ҷисми инсонро нобуд месозад. Ин мушкилот танҳо дарди як шахс нест, фоҷиаи оила, ҷомеа ва тамоми миллат аст. Зиёд истифода бурдани моводи нашъадор ба заъфи маънавию равонӣ оварда, бисёре аз гирифторонро ба бемориҳои вазнин, аз ҷумла ВНМО/СПИД рӯ ба рӯ мекунад.

Баромадкунандагон, ҳамзамон дар бораи тарзи ҳаёти солим, роҳҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла сил, тарбияи фарҳанги солими ҷавонон маълумот дода, ба донишҷӯён маслиҳатҳои судманд ироа намуданд.

Ҳамшираи тиббии донишгоҳ Меҳрона Ҳакимова таъкид кард, ки донишҷӯён ҳамчун қисми ҷудонопазири ҷомеа дар мубориза бо нашъамандӣ, пешгирии ҷалби ҷавонон ба рафторҳои номатлуб саҳми худро мегузоранд. Номбурда аз донишҷӯён даъват намуд, ки хушёрию зиракии сиёсӣ ва масъулиятшиносии шаҳрвандиро тақвият бахшанд.

Дар анҷом баромадкунандагон оид ба одобу ахлоқи ҷавонон, нақши онҳо дар пешрафти ҷомеа, дастгирии сиёсати пешгирифтаи давлат ва баланд бардоштани масъулиятдории насли нав фикру андешаҳои худро баён карданд.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**



# ОДАМРАБОӢ ҲАМ АМАЛИ ТЕРРОРИСТИСТ!

**Волотарин арзиши инсонӣ ҳуқуқ ва озодии ӯст. Дар ҳама замон озодии инсон ва ҳуқуқ ба зиндагӣ доштан барои инсон мақоми аввалро касб менамояд. Дар замони муосир ин мавзуъ мубрамияти тозаро касб намудааст. Новобаста ба он ки ҷомеаи мутамаддини ҷаҳон ба пешравиву дастовардҳои илмиву зеҳнӣ дастёб гаштааст дар низоми давлатдорӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд, аммо то ҳол поймолшавии яке аз арзишҳои балантарини инсонӣ - озодии ӯ ба назар мерасад. Дар сарҳати Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 ҳамин матлаб зикр ёфтааст, ки ҳар инсон ҳуқуқ ба зиндагӣ дорад ва ягон нафар ҳақ надорад ӯро аз ҳаёт маҳрум созад ва озодии ӯро маҳдуд намояд.**

Яке аз мушкилоте, ки дар феҳрасти масъалаҳои глобалӣ қарор дорад, масъалаи вобаста ба озодии инсон – одамрабоӣ меистад, ки мутаассифона, дар баъзе кишварҳои ҷаҳон суръат гирифта истодааст.

Дар ҷаҳони муосир одамрабоӣ ҷинояти паҳншуда маҳсуб меёбад. Одамрабоӣ – амали ғайриқонунӣ ва қасдан содиршуда маҳсуб ёфта, пинҳонӣ ё ошкоро ва ё бо роҳи фиреб додан аз макони истиқоматии шахс бар хилофи хоҳишаш ба ҷои дигар бурдан ва нигоҳ доштан мебошад. Аксаран одамрабоӣ ангезаи тамаъкорона дошта, бо мақсади ба даст овардани маблағ сурат мегирад.

Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид 17 декабри соли 1979 "Созишномаи байналмилалӣ оид ба мубориза бо ғасби гаравгонон" қабул гардид, ки дар сатҳи ҳуқуқи байналмилалӣ гаравгон гирифтанро ҷиноят эътироф намуд. Ба ин нигоҳ накарда, дар замони мо ин мушкилот мавҷудияти худро идома дода истодааст. Он асосан дар ду шакл: гаравгонгирӣ ҳамчун амали террористӣ ва дар шакли ғайримустақим гаравгон гирифтан аст, яъне ба таври зӯрӣ на шахс нигоҳ дошта мешавад, балки ҳуҷҷат ё воситаи ҳаракати ӯ ғасб мешавад, ки ӯ наметавонад озодона ҳаракат намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ин зуҳуроти манфӣ дар қанор набуда, дар самти мазкур як қатор тадбирҳои назаррас ба роҳ монда шудааст. Дар моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодии ӯ арзиши олии инсон эътироф гардида, дар ин бобат, мутобиқи моддаи 18-и Қонуни асосӣ дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Дар ин муддат, як қатор иқдомҳои зарурӣ ва муҳим пеш гирифта шуд, ки бешубҳа аз самтҳои мубориза ва ба эътидол овардани ҷинояти одамрабоӣ дар қаламрави кишвар ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, таҳия ва қабули қонунҳои зерин: Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (аз 26 декабри соли 1993), Протоколи иловагӣ ба Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак (аз 5 августи 2002), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза ба муқобили хариду фурӯши одамон"(аз 15 июли 2004, таҳти №47), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кумак ба қурбониёни савдои одамон" (аз 26 июли соли 2014, №1096). Ин амал аз ҷониби давлату ҳукумат маҳкум гардида, тибқи қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ба ин амал айбдоршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар ҷаҳон шумораи гаравгонон дар як сол тибқи маълумотҳои мавҷуда аз 12 ҳазор то 25 ҳазор нафарро ташкил менамояд, ки мутаассифона, тамоюли зиёдшавӣ дорад. Дар кишварҳои Америкаи Лотинӣ сатҳи одамрабоӣ ва гаравгон гирифтани одамон нисбатан зиёд аст. Дар дигар минтақаҳои ҷаҳон низ ҳолат ба мушоҳида гирифта мешавад, ки боиси таассуф аст.

Дар умум, одамрабоиро ба намудҳои зерин тасниф менамоянд, ки ҳар яке аз ин намудҳо номи худро доранд:

1. Арӯсрабоӣ - таҷрибаи рабудани арӯс ва бо роҳи маҷбурӣ хонадор намудан дар баъзе кишварҳои Африко ва Қафқоз паҳн шудааст, ки ин анъана то ҳол ҳифз мешавад.

2. Бабррабоӣ (аз анг. Tiger kidnapping) - рабудани одам бо мақсади маҷбур намудани хешовандон ва наздикони ӯ ба иҷрои ягон амали муайяни ғайриқонунӣ, ба мисли ба гарав гирифтани кӯдак бароӣ он ки корманди бонк ба ғоратгарӣ мусоидат намояд.

3. Одамрабоии босуръат (экспресс) - яке аз намудҳои муосири одамрабоӣ буда, бо мақсади ба даст овардани маблағ аз хешовандону наздикони рабудашуда, ки одатан алоқа тавассути телефон ба роҳ монда мешавад. Ин намуди одамрабоӣ асосан дар Америкаи Лотинӣ паҳн гардидааст.

Мо ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳон бо ин зуҳуроти номатлуб ва яке аз мушкилоти замони муосир мубориза бурда, бояд бо роҳи фаҳмондадиҳӣ ва паҳн намудани маълумот доир ба ҷинояти одамрабоӣ дар кишварамон пайваста кӯшиш ва талош намоем.

**Наргис АСЛОНОВА,**
**профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ**

# САВДОИ ОДАМОН ХУСУСИЯТИ ТРАНСМИЛЛӢ КАСБ КАРДААСТ

Мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Инсон шакли махсуси мавҷудоти зинда дар рӯи замин, субъекти равандҳо ва муносибатҳои ҷамъиятӣ, эҷодкору кувваи ҳаракатдиҳандаи таърих ва бунёдгари фарҳанг аст. Мутаассифона, дар садсолаи охир ба яке аз бадтарин муомилаи умуми башарӣ - савдои одамон мувоҷеҳ гардидааст. Ҳарчанд дар ин муддат бо ин ҷиноят ва масоили ҷиноятии ба он марбут мубориза беамон эълон карда бошанд ҳам, вале то имрӯз ин зуҳуроти номатлуб бо суръати баланд ба майдон меояд.



Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намудааст, ки хариду фурӯши одамон дар шаклҳои гуногуни зуҳури яке аз шаклҳои барои инсоният хатарноки фаъолияти ҷиноятҳоронаи муташаккил ва халалдор намудан ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад.

Аз рӯи таҳлили коршиносон, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятҳор аз хариду фурӯши одамон миллионҳо доллар фоида ба даст меоранд. Бешубҳа, ин воситаҳои пулӣ дар баробари даромад аз фурӯши маводи нашъаовар ва силоҳ асоси молиявии терроризми муосирро ташкил медиҳанд.

Солҳои охир сатҳи ҷиноятҳории муташаккил ва трансмиллӣ чун тиҷорати шаҳвонӣ, хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши узвҳои инсон низ боло рафта истодааст.

Савдои одамон яке аз кирдорҳои хавфноки ҷамъиятие мебошад, ки хусусияти трансмиллӣ дошта, ба мушкилоти глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Сабаби трансмиллӣ арзёбӣ намудани ин ҷиноят дар он аст, ки он бо роҳҳо убури марзҳои ду ва ё зиёда кишварҳо содир карда мешавад.

Дар замони муосир ин кирдор ба яке аз сердаромадтарин ҷиноятҳои фаромиллӣ табдил ёфтааст. Аз рӯи ҳисоботҳои тахминӣ, олами ҷиноятӣ аз фурӯши одамон, арзиши меҳнати истисморшуда ва бофтаҳои он дар ҷаҳон ҳар сол тақрибан 32,8 миллиард доллари амрикоӣ даромад меорад, ки ин нишондод аз даромади маҷмуи маҳсулоти миллии бештари кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта зиёд мебошад.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намудааст, ки савдои одамон (ки онро трафик низ меноманд) дар шаклҳои гуногуни зуҳури худ (истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ, ғуломии маишӣ, ҷалб намудан ба иқтисодиёти ниҳонӣ ва ғайра) яке аз шаклҳои барои инсоният хатарноки фаъолияти ҷиноятҳоронаи муташаккил ва вайронкунии ҳуқуқи инсон мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки савдои одамон дар миқёси байналмилалӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф шудааст. Гурӯҳҳо ва ташкилотҳои муташаккили ҷиноятҳор бо мақсади роҳандозии хадафҳои нопоку ҷиноятҳорона ба савдои одамон даст зада, нафарони зиёдро бо хавасмандкунии молиявӣ, ҷалб намудан ба меҳнат ва музди маоши баланд дар кишварҳои хориҷӣ фирефта карда, хадафҳои нопоки худро амалӣ менамоянд. Аз рӯи баҳодиҳии созмони Anti-Slavery International дар ҷаҳон зиёда аз 27 миллион одамон ба тарзи воқеӣ ғулом буда, аз инҳо 600 ҳазор нафарашон шаҳрвандони собиқ давлати шуравӣ мебошанд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ барои коҳиш додани талаботи истеъмолӣ ба савдои одамон, хусусан, занону кӯдакон, барои баланд бардоштани сатҳи иттилоотонии башарият оид ба оқибатҳои фалокатбори истисмори савдои одамон чораҳои зарурӣ меандешад. Хусусиятҳои муташаккил ва фаромиллӣ гардидани ҷинояти савдои одамон дар ҷаҳон эътимод ва кӯшиши бе таъхири ба ҳам омадани давлатҳои ҷаҳонро тақозо менамояд.

Дар асри 21 баробари шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ чун замони афзоиши хатарҳои гуногуни умумибашарӣ, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, савдои одамон ба як қатор дигар ҷараёнҳои халалдоркунандаи осоиштагӣ идома доранд. Дар ин марҳила, имрӯз гурӯҳҳое фаъоланд, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ ва дигар воситаҳо идеяҳои ҷиноятҳоронаро бо роҳи фирефтасозӣ дар афкори мардум ҷой доданӣ мешаванд. Маҳз дониши баланди сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва огоҳ будан аз равандҳои ҷаҳонӣ, ки дар маҷмӯъ, зиракии сиёсиро ташкил медиҳад, метавонад хавфи ба доми ҳар гуна идеяҳои номатлуб афтоданро коҳиш диҳад.

Дар ҷаҳони муосир савдои одамон дар баробари терроризму экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир яке аз таҳдидҳои ҷиддии глобалӣ маҳсуб меёбад. Он ҳамчун ҷинояти махсусан вазнини поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф шудааст.

Масъалаи марбут ба савдои одамон таҳти таваҷҷуҳи ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, зеро он ҳамчун зуҳуроти манфӣ ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи инсонӣ ҳисороти ҷуброннопазир мерасонад. Зеро ин зуҳуроти номатлуб ба амнияти миллӣ, суботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсии кишварҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии шахс аз ҷониби давлат кафолат дода шуда, мутобиқи моддаи 18 Конститутсия ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад.

Ин меъёри конститутсионӣ ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ барои ҳифзи шаъну шараф ва озодии инсон дар мубориза бо савдои одамон аҳамияти асосӣ дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳояшон аз минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ дар бораи авзои ҷомеаи ҷаҳонӣ, хатару таҳдидҳои нав суханронӣ намуда, кишварҳои ҷаҳонро дар мубориза ба ин таҳдидҳо даъват менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар радифи дигар давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ҳатти пеши мубориза қарор дорад, ва намегузорад, ки гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятҳор ва шахсони алоҳида хадафҳои нопоки худро дар қаламрави кишвар амалӣ намоянд. Ҳамин тавр, дар раванди ҷаҳонишавӣ, ки ҳама гуна андешаву идеологияҳои бегона метавонанд ба ҳаёти инсонҳо таъсири манфӣ расонанд, танҳо бо такя ба имконоту иқтидори давлат ва иродаи қавии халқ роҳи ҷараёнҳои номатлуб ва амалӣ шудани нақшаҳои нопоки гурӯҳҳои ҷиноятпешаро метавон гирифт.

**Давлат ИБРОҲИМОВ,**
**сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим**

# КОРРУПСИЯ ИҚТИСОДИ МИЛЛИРО НОБУД МЕСОЗАД



Дар ҷаҳони муосир дар қатори дигар зуҳуроти хавфнок, аз қабили терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, масъалаи дигари мубрам ва доғи рӯз ин фасод ё худ коррупсия мебошад. Коррупсия ва дигар амалҳои дорои хусусияти коррупсионӣ барои рушди иқтисодиёт ва некуаҳволии мардум, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, суботу оромии ҳар як кишвар монеа эҷод намуда, хавфи аз ҳама калон - нобоварии мардумро нисбат ба ҳамдигар ба бор меорад.

Башарият, аз ҷумла ниёгони тамаддунофари мо дар осори гаронмояи хеш ришвахориро, ки аз амалҳои касифи инсонист, мазаммат намудаанд. Аз ин бармеояд, ки ришва ва ришвахорӣ ҳамчун зуҳуроти номатлуб дар ҷомеа таърихи




кадима дошта, то ба имрӯз ба ҳеҷ давлати ҷаҳон муяссар нагардидааст, ки ин вабои ҷандинасраро пурра решакан намояд.

Коррупсия яке аз ҷиноятҳои вазнинтарини муқобили ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, обрӯву нуфузи давлатро дар сатҳи байналмилалӣ коҳиш дода, ҷиҳати ҷалби сармоягузорони хориҷӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод менамояд.

Коррупсия дар ҷаҳони муосир ба рушди иқтисодиёт ва некуаҳволии ҷомеа монеа эҷод намуда, боиси поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, заиф гардидани фаъолияти мақомоти давлатӣ гардида, ба сохти конститутсионӣ таъсири манфӣ расонида, боварии шаҳрвандонро ба давлат коста мегардонад, умедҳои ҷавононро ба оянда коҳиш дода, табақаҳои ниёзманди аҳолиро аз расидан ба рӯзи нек маҳрум мекунад.

Коррупсия дар шароити муосир аз мушкилоти дохилӣ ба проблемаи байналмилалӣ мубаддал гардидааст. Ин зуҳуроти номатлуб дар таҳқиқи худ нишон дод, ки решаҳои амиқи таърихӣ дорад ва баробари ташаккулёбии давлатҳо зуҳур намудааст. Набояд фаромӯш сохт, ки коррупсия дар баробари дигар хатарҳои ҷаҳонӣ ба яке аз масъалаҳои глобалӣ табдил ёфта, он ба раванди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ва мафкураи инсоният таъсири манфӣ мерасонад. Ҳодисаҳое аз қабили ришваситонӣ, тамаъҷӯӣ, қаллобӣ, азхудкунӣ, хешутаборбозӣ ва таъсиррасонӣ ба дигарон мисоли фасод мебошанд.

Коррупсияро аксар вақт бемории вазнин меноманд, ки аз як ташкилот ба ташкилоти дигар ва аз як муассиса ба муассисаи дигар паҳн мешавад.

Солҳои охир таваҷҷуҳи ҷомеаҳои миллӣ ва байналмилалӣ ба масъалаи коррупсия меафзояд. Ҳоло коршиносон ва сиёсатмадорон ба ин натиҷа расидаанд, ки коррупсия ба гунае кирдори фарогир шудааст, ки на танҳо дар кишварҳои фақир ва дар ҳоли рушд, балки дар кишварҳои пешрафта низ ҳолатҳои зиёди коррупсионӣ ба мушоҳида мерасад.

Фасод ё худ коррупсия ба унвони вабои аср шинохта шуда, масоили мубориза ю муқовимат бар зидди он ҳамеша аз ҷониби созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, махсусан Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа эътироф гардидааст.

Коррупсия аз ҷиҳати иқтисодӣ сарвати миллиро нобуд мекунад. Сиёсатмадорони фасодзада захираҳои нодири давлатиро барои лоиҳаҳое сармоягузорӣ мекунанд, ки бештар ба ҷайби худашон мувофиқат кунанд, на ба манфиати ҷомеа. Коррупсия рушди сохторҳои одилонаи бозор ва рақобатро халалдор мекунад, ки дар навбати худ боиси мушкилоти сармоягузорӣ мегардад.

Нобудшавии муҳити зист оқибати дигари системаҳои фасодкорист. Мавҷуд набудани қоидаҳои экологӣ ё иҷро накардани онҳо маънои онро дорад, ки сарватҳои гаронбаҳои табиӣ ғайримақсаднок истифода мешаванд ва тамоми системаҳои экологӣ зери фишор қарор мегиранд. Ширкатҳо дар саросари ҷаҳон аз истихроҷи маъдан, то коркарди дарахт ба ивази нобудсозии бемаҳдуд ришва медиҳанд.

Таҷриба нишон додааст, ки коррупсияро танҳо дар сурате назорат кардан мумкин аст, ки намояндагони ҳукумат, тиҷорат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таҳияи стандартҳо ва барномаҳои пешгирикунанда якҷоя кор кунанд. Мо медонем, ки коррупсияро якбора решакан кардан ғайриимкон аст. Баръакс, мубориза бо коррупсия раванди марҳилавӣ ва тадриҷист. Барои расидан ба рушди устувори иқтисодӣ ва ба даст овардани эътимоди мардум ва афзоиши сармояи иҷтимоӣ роҳи дигаре ба ҷуз мубориза бо фасод вуҷуд надорад. Коррупсия эътимоди мардумро ба ҳукумат коста карда, суботи сиёсӣ ва меъёрҳои фарҳангӣ, миллӣ ва иҷтимоиро зиён расонида, бо аз байн бурдани рақобати одилона дар бозори меҳнат ва тақсими босамари захираҳо ба рушди иқтисодӣ монеъ мешавад. Аз ин рӯ, боварии ҷамъиятӣ яке аз сарватҳои иҷтимоӣ мебошад, ки ваҳдати низомҳои ҷамъиятиро ба вуҷуд оварда, нигоҳ медорад ва арзишҳои демократиро таҳким мебахшад. Боварии ҷамъиятӣ ҳамчун яке аз рукнҳои идоракунии ҳар як низоми сиёсӣ ва асоси қабули он вобастагии мутақобилаи ҷомеаро таквият мебахшад.

Муқовимат ба коррупсия кори дастҷамъона буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварад ва болоравии коррупсияро коҳиш диҳад.

**Ф. САЙФИДДИНОВ,**
**мутахассиси шуъбаи робитаҳои байналмилалии ДДМИТ**

## БО МО БИМОНЕД!




# НАВРӮЗ - РАМЗИ ДӮСТӢ ВА ҲАМБАСТАГИИ МИЛЛАТҲО



Наврӯз ҳамчун яке аз ҷашнҳои қадимтарини башарият дорои арзиши бузурги таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ мебошад. Ин ҷашн, ки таърихи он зиёда аз чанд ҳазор солро дар бар мегирад, рамзи эҳёи табиат, оғози фасли баҳор ва навшавии ҳаёт ба шумор меравад. Наврӯз бо зебоӣ, покӣ ва суботи худ ба қалби инсонҳо рӯҳу илҳом бахшида, онҳоро ба зиндагии нав ва андешаҳои созанда ҳидоят мекунад.

Таърихан, Наврӯз аз замонҳои бостон дар сарзаминҳои форсизабон, аз ҷумла Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо шукӯҳу шаҳомати хос қайд мегардид. Бо мурури замон, ин ҷашни миллӣ доираи худро васеъ намуда, ба як падидаи фарҳангии фаромиллӣ табдил ёфт, ки имрӯз онро мардуми зиёди ҷаҳон ҳамчун рамзи дӯстӣ ва ҳамбастагӣ таҷлил менамоянд.

Дар замони муосир, мақоми байналмилалии Наврӯз ба таври расмӣ эътироф гардидааст. Соли 2010 Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо қабули қатънома рӯзи 21 мартро ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон намуд. Ин иқдоми муҳим бо мақсади эҳтиром ба гуногунрангии фарҳангҳо, таҳкими сулҳу субот ва густариши ҳамкориҳои байни миллатҳо амалӣ гардид.

Қаблан соли 2009 Наврӯз аз ҷониби ЮНЕСКО ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарият ворид карда шуд, ки ин далели равшани аҳамияти ҷаҳонии он мебошад. Ин иқдом на танҳо ҷойгоҳи таърихию фарҳангии Наврӯзро таҳким бахшид, балки барои ҳифз ва рушди суннатҳои марбут ба он заминаи мусоид фароҳам овард.

Ҷашни Наврӯз бо маҷмуи ғании расму ойинҳо ва анъанаҳои мардумӣ фарқ мекунад. Мардуми кишварҳои гуногун ин идро бо оростани дастархони идона, аз ҷумла «ҳафтсин», "ҳафтмин" ва "ҳафтшин", доир намудани чорабиниҳои фарҳангӣ, сурудхонӣ, рақсу бозиҳои миллӣ ва омода намудани таомҳои суннатӣ истиқбол мегиранд. Ҳар як унсури ин расму ойинҳо дорои маънои рамзӣ буда, арзишҳое чун покӣ, фаровонӣ, бахт ва дӯстиро таҷассум менамоянд.

Фалсафаи Наврӯз ба арзишҳои умумиинсонӣ такя намуда, инсонҳоро ба некӣ, накукорӣ, эҳтироми якдигар, таҳаммулпазирӣ ва ҳифзи муҳити зист даъват мекунад. Ин ҷашн ҳамчун василаи муҳими таҳкими ваҳдат ва ҳамдигарфаҳмии халқҳо хизмат намуда, дар рушди фарҳанги сулҳ нақши муассир мебозад.

Дар маҷмуъ, Наврӯз имрӯз на танҳо ҷашни оғози баҳор, балки рамзи ваҳдати башарӣ, сулҳу осоиштагӣ ва эҳёи арзишҳои маънавии инсонӣ ба ҳисоб меравад. Таҷлили ҳарсолаи он аз ҷониби миллатҳои гуногуни ҷаҳон гувоҳи он аст, ки ин ҷашни бостонӣ тавонистааст арзишҳои умумибашариро дар худ таҷассум намуда, пайвандгари дилҳо ва фарҳангҳо гардад.

**Пайғоми Аҷам резад, Наврӯз**
**муборак бод!**
**Хуршеди Ҳамал хезад, Наврӯз**
**муборак бод!**
**Хуш омада Фарвардин, ҷонбахши**
**заминро бин,**
**Дай хезаду бигрезад, Наврӯз**
**муборак бод!**
**Бар боғу чаман бингар, себаргаву**
**гул бар сар,**
**Ваҳ боғ чу гул безад, Наврӯз**
**муборак бод!**
**Боди саҳар аз гулшан, гӯё**
**ба машоми ман,**
**Сад бӯи хуш омезад, Наврӯз**
**муборак бод!**
**Бар нола бишуд булбул, бишкуфту**
**бихандид гул,**
**Гул хандаду бистезад, Наврӯз**
**муборак бод!**
**Бингар нигорамро, бонуи**
**баҳорамро,**
**Бар гӯш гул овезад, Наврӯз**
**муборак бод!**
**Ин фасли арӯси сол орад бари**
**мо иқбол,**
**Шодӣ ба дил ангезад, Наврӯз**
**муборак бод!**
**Раззоқ, расид Наврӯз, имрӯз**
**шуда нав рӯз,**
**Ҳар сӯй нидо хезад, Наврӯз**
**муборак бод!**

**Нигина ҚАРАХОНОВА,**
**муаллими кафедраи андозбандӣ ва суғуртаи ДДМИТ**

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии Ҳасанов Аминҷон Сайфудинович, донишҷуи курси 4, шуъбаи рузона ихтисоси 1-26 0101 факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор сокит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Шотиров Собирҷон Ашуралиевич, донишҷуи курси 1, шуъбаи рӯзона ихтисоси 1-25 010202 факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор сокит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Садулаев Бурхониддин Самариддинович, донишҷӯи курси 2, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-960101 хадамоти гумруки факултети фаъолияти гумруки ва амнияти иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯйии Назаралиев Сухробҷон Зеваршоевич, донишҷуи курси 2, шуъбаи рӯзона ихтисоси 1-25 010202 иқтисодиёти молиявӣ ва бонкии факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор сокит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯйии, донишҷуи курси 2, шуъбаи рӯзона ихтисоси 1-25 010403 андоз ва андозбандии факултети иқтисод ва идоракунии давлатии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор сокит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Музафарзода Манучеҳр Бобомурод, донишҷӯи курси 3, шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25 010202 факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯии Шарипзода Насимҷон Кибирё, донишҷӯйи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси 1-25010401 - молияи факултети молия ва қарзи ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Шиносномаи №A03594596, ки ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз 08 02 2021 ба Ҳуҷаева Бибисаида Каримовна бинобар гум шуданаш беэътибор дониста мешавад.

### ТАЪЗИЯ

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Кабиров Абубакр Тилоевич, дотсенти кафедраи математикаи олии донишгоҳ нисбати даргузашти

**БАРОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Кӯчарова Баргигул Аҳроровна, фарроши раёсати маъмурию хоҷагидории донишгоҳ нисбати даргузашти

**ФАРЗАНДАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Раҳматулло Темуров, муаллими калони кафедраи андозбандӣ ва суғуртаии донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШОН**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Абдусатторова Сафаргул Курбонбойевна, оператор-ҳуҷҷатнигори кафедраи баҳисобгирии муҳосибии факултети ҳисобдорӣ ва омори донишгоҳ нисбати даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касабаи муттаҳида ва ҳамкорон ба Мирзоабдуғафуров Каримҷон Иброҳимҷонович, дотсенти кафедраи иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионии донишгоҳ нисбати даргузашти

**МОДАРАШОН**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.